Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№33 (12567)
20 августи
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

РАҚАМИКУНОНӢ



ҶАЛАСАИ ЯКУМИ ШУРО ОИД БА РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

19 август таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Шуро оид ба рушди иқтисоди рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи якуми шуро баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа аъзои шуро ва роҳбарону намояндагони вазорату идораҳои дахлдор иштирок намуданд.

Дар ҷаласа масъалаҳои вобаста ба самтҳои афзалиятнок ва тадбирҳои амалисозии Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, инчунин, пешниҳоди масъалаи «Рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳамгироии махзанҳои маълумот» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Президенти кишвар, Раиси шуро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки таъсиси шуро идомаи мантиқии сиёсати давлат дар самти навсозии иқтисоди миллӣ, такмили идоракунии давлатӣ ва истифодаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ мебошад.

Зикр гардид, ки эълон шудани солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва тасдиқи Барно-маи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2026-2030 барои пешбурди ин раванд заминаи зарурӣ фароҳам овардааст.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки рақамикунонӣ бояд, пеш аз ҳама, ба беҳтар гардидани зиндагии мардум, сарфаи вақти шаҳрвандону соҳибкорон, кам шудани харочоти иловагӣ, шаффофияти идоракунӣ ва афзоиши рақобатнокии иқтисоди миллӣ хизмат намояд.

Таъкид гардид, ки дар мамлакат низомҳои иттилоотӣ ва хизматрасониҳои электронӣ роҳандозӣ шудаанд, вале фаъолияти чудогонаи онҳо, такроран талаб намудани маълумот, мавчудияти расмиёти коғазӣ ва номуайянии натиҷаи баъзе лоиҳаҳо ҳанӯз мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, ҳамгироии низомҳо, ҳифзи маълумоти шахсӣ, амнияти киберӣ, шаффофияти харочот ва риояи принсипи «маълумот танҳо як маротиба» аз вазифаҳои муҳим арзёбӣ гардид.

Муовини Раиси шуро, муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода доир ба самтҳои афзалиятнок ва тадбирҳои амалисозии Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ гузориш дод.

Дар идома Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Раҳимзода вобаста ба ҷалби сармоя ва механизмҳои маблағгузории лоиҳаҳои рақамӣ ва вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода оид ба омодасозии кадрҳо ва баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ иттилоъ дод.

Директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ Хуршед Мирзо вобаста ба рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳамгироии махзанҳои маълумот пешниҳодҳо манзур кард.

Зимни муҳокима таъкид гардид, ки ҳар як пешниҳоди марбут ба рақамикунонӣ бояд ба натиҷаи мушаххас, муҳлати иҷро, манбаи маблағгузорӣ ва масъулияти роҳбарон пайваст карда шавад. Барои солҳои 2027-2030 ҳадафҳои солона ва натиҷаи ниҳоӣ муайян гардида, аз таҳияи чорабиниҳои такрорӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои беасос пешгирӣ карда шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумориданд, ки рақамикунонӣ дар асоси чор принсипи асосӣ – натиҷаи мушаххас барои инсон ва иқтисод, роҳандозии сохтори ягонаи рақамии давлат, пешниҳоди маълумот танҳо як маротиба ва дастрасии баробари шаҳрвандон ба хизматрасониҳои давлатӣ амалӣ карда шавад.

Самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди рақамӣ, ташкили низоми ягонаи идоракунии равандҳои рақамикунонӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, ташкили низоми миллии маълумот ва ҳамгироии феҳристҳои давлатӣ, пурра электронӣ намудани хизматрасониҳои давлатӣ, рақамикунонии бахшҳои воқеии иқтисод ва соҳаҳои иҷтимоӣ, рушди сармояи инсонӣ, соҳибкории рақамӣ ва инноватсия, ҷалби сармоя, истифодаи зеҳни сунъӣ ва таъмини амнияти киберӣ муайян гардиданд.

Мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор шуданд, ки масъулони сатҳи техникиро барои ҳамоҳангсозӣ ва пешбурди низомҳои рақамӣ муайян намуда, дар ин самт бо Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ҳамкории доимӣ ба роҳ монанд.

Ба мақомоти давлатии хизматрасон супориш дода шуд, ки барои ворид намудани хизматрасониҳои худ ба портали ягона ва пешниҳоди пурраи онҳо дар шакли электронӣ чораҳои бетаъхир андешанд. Пеш аз электронӣ намудани ҳар як хизматрасонӣ тартиби он сода гардида, талаботи зиёдатӣ, ҳуҷҷатҳои такрорӣ ва муроҷиати беасос ба чанд мақом барҳам дода шаванд.

Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ якҷо бо Вазорати адлия ва вазорату идораҳои соҳавӣ вазифадор гардид, ки нақшаи марҳала ба марҳала пурра электронӣ намудани хизматрасониҳои афзалиятноки давлатиро пешниҳод намояд.

Таъкид гардид, ки Хадамоти алоқа якҷо бо мақомоти дахлдор бояд иҷрои пурра ва саривақтии нақшаи рушди соҳаи алоқаро таъмин намуда, диққати асосиро ба баланд бардоштани сифат ва фарогирии интернет, махсусан, дар минтақаҳои дурдаст равона созад.

Ба Хадамоти гумрук супориш дода шуд, ки якҷо бо Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Вазорати молия, Кумитаи андоз ва дигар мақомоти дахлдор харитаи гузариш ба расмиёти пурра бекоғазро таҳия ва татбиқ намояд.

Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ вазифадор гардиданд, ки оид ба ҷалби сармояи хусусӣ ва рушди соҳибкории рақамӣ пешниҳодҳо манзур намоянд. Таъкид гардид, ки дастгирии давлатӣ бояд шаффоф, рақобатнок ва ба натиҷа нигаронида шуда, барои иштироки ширкатҳои ватанӣ ва ба кор даровардани маҳсулоти инноватсионӣ имконияти бештар фароҳам оварда шавад.

Ба Вазорати маориф ва илм супориш дода шуд, ки якҷо бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимӣ ва бахши хусусӣ барномаҳои омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳоро ба талаботи воқеии бозори меҳнат мутобиқ созад. Таъкид гардид, ки дар баробари малакаҳои касбӣ, тадбирҳо барои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ низ бояд тақвият дода шаванд.

Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ якҷо бо мақомоти дахлдор вазифадор гардид, ки оид ба истифодаи масъулонаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва таҳкими амнияти киберӣ пешниҳодҳо манзур намояд.

Ҳукумати мамлакат вазифадор гардид, ки фаъолияти роҳбарони вазорату идораҳоро аз рӯйи натиҷаҳои рақамикунонӣ арзёбӣ намояд. Таъкид гардид, ки роҳбарон барои ҳамгироии низомҳо, сифати маълумот, содагардонии хизматрасониҳо, истифодаи самараноки маблағ ва натиҷаҳои воқеии лоиҳаҳои рақамӣ масъулияти шахсӣ доранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шуро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаро ҷамъбаст намуда, таъкид доштанд, ки шуро бояд майдони қабули қарорҳои стратегӣ, бартараф намудани монеаҳои байниидоравӣ ва назорати қатъии натиҷаҳо гардад.

www.president.tj

Савод мояи илм асту илм айни ҳаёт.
Абулқосим Лоҳутӣ

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ



ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИ ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА

14 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ дар шаҳри Турсунзода муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 21-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Иншооти муосири таълимӣ дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати кишвар бунёд ёфта, барои 1920 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Иншооти мазкур дорои 41 синфхона буда, аз ин шумора 21-тоаш кабинетҳои фаннии муҷаҳҳаз бо аёният ва лавозимоти зарурӣ, аз ҷумла, синфхонаҳои таълимии лингофонӣ, биология, математика, суруду мусиқӣ, таълими меҳнат ва омодагии ҳарбӣ мебошанд. Муассиса, ҳамчунин, дорои озмоишгоҳи таълимӣ ва толори маҷлис бо 144 ҷойи нишаст аст.

Дар иншооти таълимӣ маркази инкишофи кӯдак барои қабули 60 наврас низ фаъолият мекунад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, аз масъулин ва омӯзгорон даъват намуданд, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия масъулияти бештар эҳсос намоянд.

Баробари ифтитоҳи муассисаи таълимии муосир 45 мутахассиси соҳаи маорифи шаҳри Турсунзода ба кор ҷалб гардиданд, ки аз ин шумора 44 омӯзгорро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Мактаб аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Расул Усмонзода бунёд гардида, туҳфаи арзишманд ба таълимгирандагон дар арафаи таҷлил аз ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбати гарму самимӣ омӯзгоронро ба рушди илмҳои муосир, истифодаи самараноки техника ва технологияҳои нав, инчунин, омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва забонҳои хориҷӣ ҳидоят намуданд.

Дар ҳамин ҷо ба масъулини ҷумҳуриявию шаҳрӣ оид ба соҳаи маориф дастур доданд, ки бо назардошти вуҷуди аҳолии ӯзбекзабон дар шаҳри Турсунзода дар ин ҷо муассисаҳои таълимии ӯзбекӣ ҳам бунёд намуда, бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ бо забони модариашон таъмин намоянд.

Дар шафати бинои муассисаи навбунёд майдончаи варзишӣ барои бозии футбол ва майдони дарсҳои омодагии ҳарбӣ низ омода шудааст.

Саҳни муассиса пурра сабзкорию чароғон ва роҳравҳои он сафолакпӯш гардида, ба як макони зебо мубаддал шудааст.

Хонандагони деҳоти атроф қаблан дар бинои солҳои пеш бунёдгардида таълиму тарбия мегирифтанд.

Ба иттилои масъулин, ҳоло дар шаҳри Турсунзода 132 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият дошта, дар онҳо 78 ҳазору 863 хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар доираи сазовор истиқбол намудан аз ҷашни бузурги миллии 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода бунёду ба истифода додани 24 муассисаи соҳаи маориф ба нақша гирифта шуда, аз ин шумора то ба имрӯз 19 бинои таълимӣ бо 8 ҳазору 185 ҷойи нишаст ба истифода дода шудааст.

***

14 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Турсунзода пас аз ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 як қатор иншооти муҳимми иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасониро ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор доданд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти корхонаи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Амиго» дар маҳаллаи 5-уми кӯчаи Умари Хайём оғоз бахшиданд.

Дар корхонаи «Амиго» истеҳсоли пахтаи минералӣ, ки барои нагузаронидани гарміву хунукӣ истифода мешавад, ба роҳ монда шудааст. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол ба 40 ҳазор тонна мерасад.

Дар ин ҷо барои 50 сокини маҳаллӣ ҷойи кор фароҳам оварда шудааст.

Ҳамзамон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тариқи фосилавӣ коргоҳи дӯзандагии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Умеди Сафия»-ро мавриди истифода қарор доданд.

Корхонаи навтаъсис бо истифода аз технологияи муосири дӯзандагӣ ба истеҳсоли 10 намуд либоси мактабӣ машғул буда, барои 30 кас ҷойи нави корӣ фароҳам овардааст.

Иншооти дигаре, ки ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд, корхонаи истеҳсоли хишти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муҳаммадзоҳид» мебошад. Корхона дар деҳоти ба номи Ҷӯра Раҳмонов ҷойгир буда, иқтидори истеҳсолии он дар як сол ба 2 миллиону 600 ҳазор дона хишти аълосифат мерасад.

Бо мавриди истифода қарор гирифтани корхона 25 мутахассиси маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардиданд.

Иншооти дигаре, ки мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд, сардхонаи муосири Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Амиго» дар деҳоти Работ мебошад.

Сардхона бо иқтидори нигоҳдории 5 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид дар нигоҳдории маҳсулоти ватанӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ нақши муҳим мебозад.

Ҳамчунин, муассисаи томактабии хусусии «Афсона» ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардид. Кӯдакистон аз 6 синфхона, 6 ҳуҷраи хобу истироҳат, 3 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ, ошхона ва толори варзишии муҷаҳҳаз иборат мебошад.

Иншоот дорои шароити муосир буда, барои фаро гирифтани 200 кӯдак ба таҳсилоти томактабӣ пешбинӣ шудааст.

Муассисаи томактабии хусусии «IDT KIDS International» низ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ ифтитоҳ ёфт.

Кӯдакистон дар маҳаллаи 2-юми шаҳри Турсунзода сохта шуда, шароити фароҳамгардида дар он ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошад.

Иншоот барои фаро гирифтани 200 кӯдак ба таҳсилоти томактабӣ пешбинӣ шудааст. Дар 12 синфхонаи кӯдакистон тамоми лавозимоти зарурӣ муҳайё гардида, шароити мусоид барои таълиму тарбия ва рушди зеҳнии кӯдакон фароҳам оварда шудааст.

Дар маҳаллаи 3-юми шаҳри Турсунзода низ муассисаи томактабии хусусии «Доноӣ» ифтитоҳ гардид, ки дорои тамоми шароити зарурӣ барои таълиму тарбияи кӯдакон мебошад. Кӯдакистон бо тарҳи зебо ва шароити муосир сохта шуда, дар 4 синфхонаи муҷаҳҳази он имкони ба таҳсил фаро гирифтани 120 кӯдак мавҷуд аст.

Ҳамзамон, бинои нави муассисаи таҳсилоти томактабии «Нури Истиқлол» ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардид. Бинои боғча барои тарбияи зиёда аз 110 кӯдак пешбинӣ гардидааст.

Муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо риояи талаботи меъмории миллӣ мутобиқ ба шавқу завқи кӯдакон бунёд гардида, бо тамоми шароиту лавозимоти зарурӣ, мизу курсӣ ва ҳуҷраҳои барҳаво барои машғулияти зеҳнии кӯдакон таъмин мебошад.

Дар деҳаи Нақшбандони деҳоти 10-солагии Истиқлол низ бинои нави муассисаи таҳсилоти томактабии «Марҷона» ифтитоҳ ёфт.

Ин муассисаи томактабӣ барои ба тарбия фаро гирифтани зиёда аз 200 кӯдак пешбинӣ гардидааст.

Бино дорои 14 ҳуҷраи барҳаво барои машғулияти зеҳнии кӯдакон аст. Баробари мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани боғчаи мазкур 22 мутахассиси маҳаллӣ, ки бештари онҳоро занон ташкил медиҳанд, бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шуданд.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи тадбирҳои ободонӣ дар кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ бинои нави маркази ҷавонон ва мактаби варзиширо мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Иншоот аз се ошёна иборат буда, дорои 20 ҳуҷраи корӣ ва 6 толори варзишӣ мебошад. Дар иншооти мазкур 30 мураббӣ фаъолият карда, ба зиёда аз 800 варзишгар аз рӯйи 12 намуди варзиш тамрин медиҳанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ қасри фарҳанг, майдони Парчами давлатӣ ва боғи фарҳангию фароғатиро дар деҳоти 10-солагии Истиқлол ифтитоҳ намуданд.

Қасри фарҳанг дорои 230 ҷойи нишаст буда, бо тарҳи муосири меъморӣ бунёд гардидааст. Он барои баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, маърифатӣ, илмӣ ва адабӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар саҳни қасри фарҳанг майдони Парчами давлатӣ ва боғи фарҳангию фароғатӣ низ бунёд шудааст. Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баландии 35 метр насб гардида, атрофи он бо гулу буттаҳо ва дарахтони ороишӣ зебу зинат дода шудааст.

Боғи фарҳангию фароғатӣ бошад, бо тарҳи зебо ва муҳити дилнишин бунёд гардидааст.

Ҳамчунин, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48 дар деҳаи Исмоили Сомонии деҳоти 10-солагии Истиқлол пас аз таъмиру навсозӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Мактаб баъд аз 30 соли фаъолият, ки ба таъмир ниёз пайдо карда буд, баъди азнавсозӣ барои 1700 хонанда дар ду баст имкони таҳсилро фароҳам овардааст.

Яке аз иқдомҳои муҳим дар доираи навсозии муассиса бунёди 12 манзили истиқоматӣ барои омӯзгорони ҷавон мебошад.

Иншооти дигаре, ки тариқи фосилавӣ мавриди истифода қарор гирифт, бинои ҷамоати деҳоти Сешанбе мебошад.

Бинои нав дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни муқаддаси миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, ба беҳтар намудани фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ пешбинӣ шудааст.

Маҷмааи хизматрасонии сайёҳӣ ва хоҷагии моҳипарварии Аҳмад-гулмоҳӣ низ ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Масоҳати умумии маҷмаа 12,7 гектар-ро фаро гирифта, дар 3,7 гектари он пойгоҳи сайёҳӣ ташкил карда шудааст. Иншоот бо ҳадафи ҷалби бештари сайёҳон ва муаррифии имкониятҳои сайёҳии ин минтақа сохта шуда, аз 2 меҳмонхонаи замонавӣ бо 8 ҳуҷра, ошхона ва дигар биноҳои ёрирасон иборат мебошад.

Дар деҳоти Навободи шаҳри Турсунзода муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 28 ифтитоҳ гардид. Бино аз ду ошёна ва 26 синфхонаю ҳуҷраҳои корӣ иборат мебошад.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 28 барои 1200 хонанда пешбинӣ шуда, дорои синфхонаҳои фаннӣ, технологияи иттилоотӣ ва таълими меҳнат мебошад. Ҳоло дар муассисаи мазкур ба 1070 хонанда 70 омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд.

Дар деҳаи Асбоби деҳоти Работ низ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 66 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Бинои нави мактаб дорои 24 синфхона буда, барои 1150 хонанда пешбинӣ шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Турсунзода ба таври фосилавӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 115-ро ифтитоҳ намуданд.

Иншооти нави соҳаи маориф дар деҳаи Нурафшон аз 32 синфхона, ҳуҷраҳои корӣ, озмоишгоҳ ва китобхона иборат буда, дар он мутобиқ ба талабот шароит фароҳам оварда шудааст. Бинои нави муассисаи таълимӣ барои 1150 хонанда пешбинӣ шудааст.

Дар деҳаи 1 майи деҳоти ба номи Турсун Тӯйчиеви шаҳри Турсунзода бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 45 ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардид. Иттилоъ дода шуд, ки дар муассисаи таълимии навбунёд 30 омӯзгор ба кор ҷалб шуда, дар соли хониши 2026-2027 ба 1150 хонанда дар ду баст таълиму тарбия хоҳанд дод.

Дар деҳаи Ифтихори деҳоти 10-солагии Истиқлол дар шаҳри Турсунзода бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 42 ба таври фосилавӣ ба истифода дода шуд.

Бинои нави таълимӣ аз 17 синфхона, маҷлисгоҳ, ҳуҷраҳои корӣ, китобхона ва ошхона иборат буда, дар он шароити муосири таълиму тарбия фароҳам гардидааст. Муассисаи таълимии мазкур барои 900 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, дар он 37 омӯзгор кору фаъолият менамоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Навбаҳори деҳоти Регари шаҳри Турсунзода ба фаъолияти бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 46 оғоз бахшиданд. Бинои таълимӣ дорои 16 синфхона буда, 870 хонанда метавонанд соли нави таҳсилро дар он истиқбол гиранд.

Дар деҳаи Шунуки Ҷамоати деҳоти

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон зиёда аз 1 миллион китоби ӯзбекӣ мавҷуд аст.

ПАҲНОИ СИЁСАТ

Қаратоғ 16 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 91 ифтитоҳ гардид. Бинои нав бо синфхонаҳои иловагӣ аз 3 ошёна иборат буда, барои 860 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Иншооти дигари соҳаи маориф муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 10 мебошад, ки бо фарогирии 770 хонанда дар ду баст дар деҳаи Байналмилали деҳоти Регар ба истифода дода шуд.

Ҳамчунин, дар деҳаи Пахтаободи деҳоти Пахтаобод муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 4 барои 600 ҷойи нишаст дар ду баст мавриди истифода қарор гирифт.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 111 дар деҳаи Нуристони деҳоти 10-солагии Истиқлол дари худро дар соли нави таҳсил барои 600 хонанда боз намуд.

Дар деҳоти ба номи Ҷӯра Раҳмонов низ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 70 ифтитоҳ гардид, ки дар он 580 хонанда ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 67 дар ҳамин рӯз бо 400 ҷойи нишаст дар ду баст дар деҳаи Ғаравии деҳоти Регар ба истифода дода шуд, ки дорои шароити зарурии таълим мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тариқи фосилавӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 72-ро дар деҳаи Ҳақиқати деҳоти Турсун Туйчиеви шаҳри Турсунзода ба истифода доданд. Ин муассиса барои ба таълим фаро гирифтани 390 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, дар он шароити мусоид чиҳати боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани сифати таълим фароҳам оварда шудааст.

Пешвои миллат, ҳамчунин, қисми якуми бинои нави муассисаи таълимии рақами 123-ро, ки барои муҳоҷирон дар деҳаи Намуна 2-и деҳоти 10-солагии Истиқлол бунёд шудааст, барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани 1800 хонанда дар ду баст ба истифода доданд.

Саркори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Намоз Кӯчарови деҳоти Ҷӯра Раҳмонов бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 52-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Дар бинои иловагии муассисаи таълимӣ 390 хонанда метавонад дар ду баст соли нави таҳсилро оғоз намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва ятимони кулли «Парасту», ки дар кӯчаи Парпӣ Тоҷиеви шаҳри Турсунзода бунёд мешавад, шинос шуданд. Бинои боғча аз 7 синфхонаи замонавии таълимӣ, 9 ҳуҷраи хоб, ҳуҷраҳои ёрирасон ва дигар имкониятҳо барои бедор намудани завқи донишомӯзии кӯдакон иборат мебошад.

Саркори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбати самимӣ бо соҳибкороне, ки ҳамаи ин иншоотро бунёд намуданд, ба онҳо барои саҳмгузории намоён дар ободонии диёр рушду пешрафти кишвар арзи сипосу қадрдонӣ намуданд.

Дар ҷараёни сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Турсунзода 20 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо фарогирии 18200 хонанда дар ду баст, 5 муассисаи томактабии хусусӣ бо фарогирии 950 кӯдак, 4 корхонаи саноатӣ, 1 иншооти сайёҳӣ, 5 иншооти хизматрасонӣ, 6 майдончаи варзишӣ, 3 сардхонаи замонавӣ бо иқтидори нигоҳдории 5300 тонна маҳсулоти кишоварзӣ, 9 бинои баландошёнаи истиқоматӣ, биноҳои маъмурию фарҳангӣ, майдони Парчами давлатӣ ва боғи фарҳангию фароғатӣ, дар умум, 60 иншоот бо таъсиси 1220 ҷойи кории доимӣ бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Ҳамчунин, дар доираи омодагӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода 232 км роҳ мумфарш ва 59 км бетонпӯш карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки тибқи нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2022-2026 дар шаҳри Турсунзода бояд 460 иншоот сохта мешуд. То имрӯз 530 иншоот сохта ба истифода дода шуд, ки 115% нақшаро ташкил медиҳад. Танҳо дар соҳаи маориф тайи 5 соли охир 78 муассисаи таълимӣ бо 52 ҳазор ҷойи нишаст ва 21 муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 3600 кӯдак сохта мавриди истифода қарор гирифт.

Дар ҳамаи иншооти ҷашнӣ, дар маҷмуъ, зиёда аз 10 ҳазор ҷойи нави корӣ муҳайё гардидааст.

www.president.tj



Маориф – пули дӯстӣ миёни тоҷикону ӯзбекон

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба шаҳри Турсунзода ва ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 21 ба масъалае таваҷҷуҳ намуданд, ки на танҳо аҳаммияти таълимӣ, балки мазмуни амиқи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дорад.

Сарвари давлат ба масъулини соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ва шаҳр дастур доданд, ки бо дарназардошти эҳтиёҷи аҳолии ӯзбекзабони шаҳри Турсунзода муассисаҳои таълимии ӯзбекӣ бунёд карда, онҳоро бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ ба забони модариашон таъмин намоянд.

Дастури мазкур танҳо супориш барои бунёди чанд муассисаи таълимӣ набуда, моҳияти он фаротар аз бунёди бинои мактаб аст. Ин иқдом ифодаи равшани сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз миллату забон, фароҳам овардани шароит барои омӯзиши забони модарӣ ва рушди фарҳанги миллатҳои сокини кишвар мебошад.

Ваҳдат аз эҳтироми ҳамдигар оғоз меёбад

Тоҷикистон аз замонҳои қадим макони ҳамзистии халқу миллатҳои гуногун буд, ҳаст ва мемонад. Тоҷикону ӯзбекҳо тӯли асрҳо паҳлуи ҳам зиндагӣ карда, шодиву ғам, обу замин, расму оин ва дастовардҳои фарҳангиро бо ҳам дидаанд. Робитаҳои ин ду халқ танҳо муносибатҳои ҳамсоягӣ нестанд. Онҳо бо пайвандҳои хешутаборӣ, анъанаҳои муштарак ва арзишҳои маънавӣ устувор гардидаанд.

Дар чунин ҷомеа ваҳдати миллӣ танҳо бо шиор таъмин намешавад. Он замоне пойдор мегардад, ки ҳар шаҳрванд худро узви комилҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунад, забону фарҳангаш мавриди эҳтиром қарор гирад ва фарзандаш барои таҳсил ба забони модарии худ имконият дошта бошад.

Мактаб дар ин раванд нақши асосӣ дорад. Кӯдак нахустин мафҳумҳо – Ватан, дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва масъулияти шаҳрвандиро маҳз дар мактаб меомӯзад. Агар дар ин муҳит забон ва фарҳанги хонаводагии ӯ эҳтиром карда шавад, дар вуҷудаш эҳсоси эътимод ба давлат ва ҷомеа ташаккул меёбад.

Аз ин ҷиҳат, дастури Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идомаи мантиқии сиёсати таҳаммулпазирӣ, инсондӯстӣ ва ҳамгироии ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Давлат бо чунин иқдом нишон медиҳад, ки гуногунрангии забон ва фарҳанг омили муттаҳидӣ ва сарвати маънавии кишвар аст.

Ғамхорӣ ба забон ғамхорӣ ба шаҳрванд аст

Забони модарӣ танҳо воситаи гуфтугӯ нест. Он ҳофизаи таърихӣ, тарзи тафаккур, ҷаҳони маънавӣ ва пайванди инсон бо гузаштагони худ аст. Маҳрум гардидани кӯдак аз имкони омӯзиши забони модарӣ метавонад робитаи ӯро бо фарҳанг ва мероси миллиаш заиф созад.

Аз ин рӯ, бунёди муассисаҳои таълимии ӯзбекӣ ва таъмини онҳо бо китобҳои дарсӣ ба забони модарӣ иқдоми одии маъмурӣ нест. Ин эътирофи амалии ҳуқуқи шаҳрванд ба ҳифзи забон ва фарҳанги миллати ӯзбек аст.

Фароҳам овардани чунин шароит ба рушди забон ва фарҳанги мардуми ӯзбек дар Тоҷикистон мусоидат мекунад. Он, ҳамчунин, ба фарзандони ӯзбекзабони кишвар имконият медиҳад, ки дар баробари омӯзиши амиқи забони модарӣ забони давлатии Тоҷикистонро хуб аз худ карда, ҳамчун шаҳрвандони ватандӯст ва соҳибмаърифат ба камол расанд.

Таҳсил ба забони модарӣ набояд монеи ҳамгироӣ бошад. Баръакс, инсон вақте ки забон ва фарҳанги худро хуб медонад, фарҳангу забони дигаронро низ бештар эҳтиром мекунад. Мактаби миллӣ бояд макони тарбияи инсони дорои ҷаҳонбинии васеъ, таҳаммулпазир ва содиқ ба Ватан бошад.

Ибтикори Тоҷикистон ва интизориҳои нек аз Ӯзбекистон

Муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар солҳои охир ба марҳалаи сифатан нав ворид гардидаанд. Иродаи сиёсии роҳбарони ду давлат барои таҳкими дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ имкониятҳои фаровон ба вуҷуд овардааст. Дарҳои баста боз шуданд, робитаҳо барқарор гардиданд ва ҳамкориҳои фарҳангию маърифатӣ густариш ёфтанд.

Дар чунин фазои созанда иқдоми нави Президенти Тоҷикистон метавонад намунаи хуби эҳтироми мутақобил ба забон ва фарҳанги шаҳрвандони ду кишвар гардад.

Дар Ӯзбекистон низ аҳолии зиёди тоҷикзабон зиндагӣ мекунанд. Забони тоҷикӣ барои онҳо забони хонаводагӣ, муҳити фарҳангӣ ва пайванди зинда бо мероси чандинҳазорсолаи адабию маънавӣ мебошад. Онҳо шаҳрвандони Ӯзбекистонанд ва дар пешрафти давлату ҷомеаи худ саҳм мегузоранд. Аз ин рӯ, табиист, ки ба омӯзиши босифати забони модарӣ, дастрасӣ ба китобҳои дарсӣ, тарбияи омӯзгорон ва ҳифзи муҳити фарҳангии худ ниёз доранд.

Ин масъала набояд ҳамчун мавзуи баҳс ё муқобилгузорӣ матраҳ гардад. Баръакс, он метавонад ба майдони нави ҳамкорӣ ва эътимод табдил ёбад. Ғамхорӣ ба мактабҳои ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва дастгирии мактабҳои тоҷикӣ дар Ӯзбекистон ду иқдоми ҳамсонанд, ки барои таҳкими дӯстии мардумон хидмат мекунанд.

Тоҷикистон бо дастури ахири Саркори давлат иродаи худро дар ин самт ба таври равшан нишон дод. Акнун умед меравад, ки дӯстони ӯзбеки мо низ ин ташаббусро ҳамчун паёми нек ва намунаи шоистаи ҳамсоягӣ пазируфта, барои таҳкими таълими забони тоҷикӣ, ҳифзу афзоиши мактабҳои тоҷикзабон, таъмини онҳо бо китобу маводи таълимӣ ва омода кардани омӯзгорони соҳибтахассус тадбирҳои бештар меандешанд.

Чунин муносибат даъват ба амали мутақобилан судманд ва идомаи ҳамон сиёсати дӯстонаест, ки роҳбарони ҳар ду давлат, президентҳои Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бунёд гузоштаанд. Вақте ки Тоҷикистон барои забону фарҳанги шаҳрвандони ӯзбекзабони худ шароит фароҳам меорад, дастгирии ҳамсон аз ҷониби Ӯзбекистон нисбат ба шаҳрвандони тоҷикзабонаш нишонаи адолат, фарҳанги баланди давлатдорӣ ва эҳтиром ба дӯстии ду халқ хоҳад буд.

Барномаи муштараки мактаб ва китоб

Дастури Президенти Тоҷикистон метавонад заминаи таҳияи як барномаи фарогири ҳамкории Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соҳаи маориф гардад. Дар доираи он метавон табодули китобҳои дарсӣ ва адабиёти бадеӣ, омода кардани омӯзгорон, ташкили курсҳои такмили ихтисос, вохӯриҳои муаллифони китобҳои дарсӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимиро роҳандозӣ намуд.

Ҳамчунин, таъсиси гурӯҳи муштараки корӣ оид ба маориф барои омӯзиши эҳтиёҷоти мактабҳои ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва мактабҳои тоҷикӣ дар Ӯзбекистон ба манфиати ҳар ду ҷониб мебошад. Чунин гурӯҳ метавонад масъалаҳоро бидуни сиёсат, бо такя ба эҳтиёҷи воқеии хонандагон ва меъёрҳои педагогӣ баррасӣ намояд.

Ҳадаф набояд танҳо нигоҳ доштани номи мактаб бошад. Муҳим он аст, ки кӯдак воқеан ба забони модарӣ таълими босифат гирад, китобҳои нав дошта бошад, омӯзгораш аз усулҳои муосир истифода барад ва баъди хатми мактаб барои идомаи таҳсилу интихоби касб имконияти баробар пайдо кунад.

Мактаб сафири сулҳ аст

Дар ҷаҳоне, ки ихтилофҳои қавмию забонӣ баъзан ба омили нооромӣ табдил меёбанд, таҷрибаи эҳтиром ба гуногунрангӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Тоҷикистон, ки арзиши сулҳу ваҳдатро бо тамоми ҳастӣ дарк кардааст, таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистии миллатҳоро яке аз пояҳои суботи худ медонад.

Дастури Президенти Тоҷикистон дар бораи бунёди мактабҳои ӯзбекӣ ва таъмини онҳо бо китобҳои дарсӣ ба забони модарӣ маҳз аз ҳамин ҷаҳонбинӣ сарчашма мегирад. Ин иқдом ба ҳар шаҳрванди ӯзбекзабони Тоҷикистон паём медиҳад, ки забон, фарҳанг ва ояндаи фарзандонаш барои давлат муҳим аст.

Ҳамзамон, ин ташаббус паёми дӯстона ба Ӯзбекистон низ ҳаст, ки ҳуқуқҳои тоҷикону ӯзбекҳоро ба забон ва маърифат дар ҳар ду ҷониби сарҳад бо ғамхории баробар ҳифз намоянд. Бигзор, мактабҳои ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва мактабҳои тоҷикӣ дар Ӯзбекистон на танҳо марказҳои таълим, балки пулҳои устувори дӯстӣ гарданд.

Дӯстии давлатҳо аз санадҳои расмӣ оғоз мешавад, аммо дар қалби мардум тавассути забон, фарҳанг ва мактаб пойдор мегардад. Ҳар китобе, ки кӯдак ба забони модариаш мехонад, ҳар дарсе, ки эҳтироми миллатҳои дигарро меомӯзонад ва ҳар мактабе, ки дари худро ба рӯйи гуногунрангии фарҳангӣ боз мекунад, сармоягузорӣ ба сулҳ ва ояндаи муштарак аст.

Шариф ҲАМДАМПУР,
сармуҳаррири ҳафтаномаи «Тоҷикистон»

Дар шаҳри Душанбе 49 номгӯйи адабиёти тозанашри кӯдакона рӯнамоӣ гардид.

Як нуктаи мухтасар зи мактаб гӯям:
Одам нашавад касе, магар аз мактаб.
Садриддин Айнӣ

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ



ВУСЪАТИ КОРҲОИ БУНЁДКОРӢ ДАР КӮЛОБ

17 август Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид бо мақсади шиносоӣ аз рафти корҳои сохтмонӣ, созандагию бунёдкорӣ, вазъи татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, омодагии иншооти ҷашнӣ ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷараёни корҳои анҷомдодашаванда ба шаҳри Кӯлоб сафари корӣ анҷом дод.

Сафари кории Сарвазири мамлакат ва раиси вилоят дар шаҳри Кӯлоб аз шиносоӣ бо рафти корҳои сохтмонии марҳалаи дуюми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47 оғоз гардид. Бинои нави таълимӣ барои 480 хонанда пешбинӣ шуда, аз се ошёна иборат буда, бо синфхонаҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳо ва дигар ҳуҷраҳои зарурӣ таъмин карда мешавад.

Зимни шиносоӣ таъкид гардид, ки фароҳам овардани шароити муносиб барои таълиму тарбияи насли наврас ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад.

Дар идомаи сафари корӣ Сарвазири мамлакат ва раиси вилояти Хатлон бо рафти корҳои сохтмонӣ дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф шинос шуданд. Таъкид гардид, ки иншооти мазкур дар баланд бардоштани сатҳи касбӣ, дониш ва малакаи омӯзгорон нақши муҳим дошта, корҳои сохтмонӣ бояд бо риояи меъёрҳои сохтмонӣ, талаботи муосир ва сифати баланд ба анҷом расонида шаванд.

Ҳамчунин, Сарвазири кишвар Қоҳир Расулзода ва раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид аз рафти корҳои сохтмонӣ ва ободонию созандагӣ дар бинои Китобхонаи вилоятии ба номи Садриддин Айнӣ боздид ба амал оварданд. Зимни боздид ҷараёни корҳои сохтмонӣ, сифати корҳои анҷомдодашуда ва раванди иҷрои корҳои боқимонда мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Таъкид гардид, ки корҳои сохтмонӣ бояд бо сифати баланд ва мутобиқ ба талаботи муосир ба анҷом расонида шаванд.

12 августи соли 2026 бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи кормандони соҳаи сохтмон дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар рушди инфрасохтори соҳаи маориф дар 35 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарияти Вазорати маориф ва илм, намояндагони мақомоти давлатӣ, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои марбутаи Вазорати маориф ва илм, роҳбарону кормандони муассисаҳои соҳавӣ, меъморону муҳандисон, сохтмончиён, лоиҳакашон, соҳибкорон ва дигар меҳмонон иштирок намуданд.

Зимни суханронӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода таъкид намуд, ки даврони соҳибистиқлолӣ барои Тоҷикистон марҳалаи таҳкими давлатдорӣ, сулҳу ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва вусъати бесобиқаи корҳои созандагиву бунёдкорӣ ба ҳисоб меравад. Таъкид гардид, ки таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раванди созандагиву ободонӣ дар мамлакат ба марҳалаи сифатан нав ворид гардида, барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа заминаҳои устувор фароҳам оварда шудаанд.

РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ



Гуфта шуд, ки соҳаи маориф ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ҳамеша таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Пешвои миллат қарор дошта, дар баробари такмили мазмуну муҳтавои таҳсилот, баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва сифати таълиму тарбия, инчунин, рушди инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ низ ба яке аз самтҳои муҳим табдил ёфтааст.

Зикр гардид, ки мактаб, пеш аз ҳама, муҳити ташаккули инсон, ҷаҳонбинӣ, қобилияту истеъдод ва заминаи омода намудани насли ояндаи давлат мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як муассисаи таълимии навбунёд ҳамчун сармоягузории мустақим ба ояндаи миллат арзёбӣ мегардад.

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 4135 бинои муассисаҳои таълимӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ барои 888 ҳазору 531 ҷойи нишаст дар як баст ва 1 миллиону 770 ҳазору 62 ҷойи нишаст дар ду баст сохта, ба истифода дода шудаанд. Аз ин шумора 1941 иншоот аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, 621 иншоот аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва 1573 иншоот бо саҳми соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва тавассути ҳашар бунёд гардидаанд.

Дар идомаи чорабинӣ масъалаҳои мутобиқ намудани муассисаҳои таълимии нав ба талаботи замони муосир, аз ҷумла, устувории сейсмикӣ, бехатарӣ, дастрасӣ, фарогирӣ, самаранокии энергетикӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои обу барқ, беҳтар намудани шароити санитариву беҳдоштӣ, кабудизоркунӣ ва ҳифзи муҳити зист мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, ба масъалаи ташаккули консепсияи «Мактабҳои сабз» таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Қайд карда шуд, ки мактаби сабз бояд на танҳо ҳамчун бинои замонавӣ, балки ҳамчун муҳити мукаммали таълимӣ хидмат намояд, ки дар он истифодаи сарфакоронаи неруи барқ ва об, технологияҳои камсараф, кабудизоркунӣ, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани маърифати экологии хонандагон бо раванди таълиму тарбия пайваст карда шавад.

Муовини якуми раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Умарзода оид ба нақши кормандони соҳаи сохтмон дар татбиқи сиёсати созандагии давлат, бунёди иншооти иҷтимоӣ ва махсусан, муассисаҳои таълимии ҷавобгӯ ба талаботи меъморию техникӣ ибрози назар намуд.

Дар доираи чорабинӣ маросими қадрдонии як қатор роҳбарон, намояндагони мақомоти давлатӣ, кормандони соҳаи сохтмон, соҳибкорон, масъулони раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илм, гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳо ва пудратчиёне, ки дар бунёд, азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ саҳми арзанда гузоштаанд, баргузор гардид.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ ҳунармандони кишвар бо суруду таронаҳои ватандӯстона баромад намуда, фазои идонаро боз ҳам рангин гардониданд.

БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМ

14 августи соли 2026 таҳти раёсати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ҷаласаи корӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа муовини вазири маориф ва илм, роҳбарони сохтории дахлдори вазорат, сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, мудирони шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои шаҳри Душанбе, директорони литсейҳо, гимназияҳо ва дигар муассисаҳои таълимии пойтахт иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуда, зикр кард, ки соҳаи илму маориф яке аз самтҳои калидӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, таҳти таваҷҷуҳи пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Таъкид гардид, ки масъулияти кормандони соҳа дар самти баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, таҳкими интизоми меҳнат, муҳайё намудани шароити мусоид барои хонандагон ва омодагии ҳамаҷонибаи муассисаҳои таълимӣ ба соли нави таҳсил бояд боз ҳам бештар гардад.

Дар ҷаласа масъалаҳои марбут ба омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омодагии муассисаҳои таълимӣ ба соли нави таҳсили 2026-2027, қабули хонандагон, аз ҷумла, хонандагони синфи якум, вазъи биною иншооти муассисаҳо, ободонӣ ва тозагии муҳити онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Вазири маориф ва илм зимни баррасии масъалаҳо таъкид намуд, ки дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ҳар як муассисаи таълимӣ бояд бо сатҳи баланди омодагӣ, муҳити тозаву озода, шароити муносиб ва фазои созандаи таълиму тарбия ба соли нави таҳсил ворид гардад. Роҳбарони муассисаҳо вазифадор карда шуданд, ки корҳои ободонӣ, таъмиру тақдид, ҷобаҷогузории синфхонаҳо ва омодасозии тамоми шароити заруриро сари вақт ва бо сифати баланд анҷом диҳанд.

Ҳамзамон, ба роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дастур дода шуд, ки ҷиҳати пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳолатҳои фурӯши либосҳои мактабӣ, лавозимоти хониш ва дигар маҳсулот дар дохил ва ҳудуди муассисаҳои таълимӣ чораҳои қатъӣ андешанд. Таъкид гардид, ки муассисаи таълимӣ набояд ба макони фаъолияти тиҷоратӣ табдил дода шуда, аз ҷониби роҳбарият ва кормандони муассисаҳо ба волидону хонандагон барои харидории мол аз нуқтаи муайян фишор ё маҷбуркунӣ сурат гирад.

Вобаста ба қабули хонандагони синфи якум вазири маориф ва илм масъулинро вазифадор кард, ки раванди қабул тибқи талаботи муқаррагардида, бо риояи шаффофият ва муносибати дуруст ба шаҳрвандон ба роҳ монда шуда, барои волидон монеаҳои сунъӣ эҷод карда нашаванд. Ҳамчунин, зарурати назорати ҷиддии тақсимоти хонандагон ба синфҳо, истифодаи самараноки имкониятҳои муассисаҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил таъкид гардид.

Дар идома масъалаҳои таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсӣ, таҷҳизоти зарурӣ, риояи қоидаҳои санитарию беҳдоштӣ ва бехатарӣ, инчунин, омодагӣ ба баргузории Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, вазири маориф ва илм аз натиҷаҳои начандон қаноатбахши иштироки хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, инчунин, озмунҳои вобаста ба соҳиб шудан ба аттестати аълои универсалӣ бо медалҳои тилло ва нуқра ва аттестати аълои равияҳои табиӣ-риёзӣ ва ҷамъиятӣ-гуманитарӣ изҳори нигаронӣ намуд. Дар ин замина, ба масъулини соҳа ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дастур дода шуд, ки фаъолияти худро дар самти дарёфт, дастгирӣ ва омодасозии хонандагони болаёқат ҷоннок намуда, барои баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди қобилият ва иштироки фаъолонаи онҳо дар озмуну олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Вазир роҳбарони сохторҳои маориф ва директорони муассисаҳои таълимиро вазифадор намуд, ки камбудиҳои мавҷударо то оғози соли нави таҳсил пурра бартараф намоянд.

Ихтироъкорони тоҷик дар шаш моҳ соҳиби 77 нахустпатент шуданд.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ



ИМЗОИ ЁДДОШТИ ТАФОҲУМ БО МАРКАЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИРТИБОТИ ФАРҲАНГИИ МАЛАЙЗИЯ

18 августи соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо Дабири кулли Ассотсиатсияи байналмилалии таҳсилоти фаромиллӣ ва Раиси Маркази байналмилалии иртиботи фарҳангии Малайзия Ниси Бай, директори иҷроияи «ITEA Jobs» Чжан Чжи Ҳао ва муовини директори иҷроия Бенҷамин Леонг баргузор гардид.

Вазири маориф ва илм изҳор дошт, ки мулоқоти мазкур идомаи мантиқии муколамаи созандаи ҷонибҳо буда, барои гузариш ба марҳалаи нави ҳамкориҳо заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таъкид гардид, ки натиҷаҳои сафари намояндагони Ассотсиатсияи байналмилалии таҳсилоти фаромиллӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 9-10 апрели соли 2026 ва мулоқотҳои баргузоршуда имкониятҳои воқеии роҳандозии ҳамкориҳои дарозмуддат, татбиқи барномаҳои муосири таълимӣ ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро нишон доданд.

Дар идома ҷонибҳо масъалаҳои густариши ҳамкориро дар самтҳои табодули академии омӯзгорону донишҷӯён, таъсиси барномаҳо ва марказҳои муштараки таълимӣ, рушди таҳсилоти фаромиллӣ, татбиқи барномаҳои дудиплома, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат, такмили ихтисос, баргузории чорабиниҳои илмию таълимӣ ва амалисозии лоиҳаҳои муштараки таҳқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҳамчунин, вобаста ба ҷалби муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ, татбиқи барномаҳои байналмилалии бурсиявӣ ва таъсиси озмоишгоҳҳои муосири таълимию инноватсионӣ дар самтҳои STEM, зеҳни сунъӣ, технологияҳои таълимӣ ва таҳсилоти касбӣ табодули афкор сурат гирифт.

Вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, бо роҳнамоӣ ва сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди сармояи инсонӣ, рақамикунонии раванди таълим, дастгирии илму инноватсия ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир мегардад.

Зикр шуд, ки ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи байналмилалии таҳсилоти фаромиллӣ ва Маркази байналмилалии иртиботи фарҳангии Малайзия метавонад барои ворид намудани таҷрибаи пешқадам, технологияҳои муосири таълим ва моделҳои самараноки омодасозии кадрҳо мусоидат намояд.

Дар доираи вохӯрӣ Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази байналмилалии иртиботи фарҳангии Малайзия ба имзо расонида шуд. Санади мазкур барои рушди ҳамкориҳои амалӣ дар самтҳои афзалиятнок, аз ҷумла, таҳия ва татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ, такмили ихтисоси омӯзгорону мутахассисон, рушди малакаҳои касбӣ ва идоракунӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, табодули таҷриба ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак заминаи ҳуқуқию ташкилӣ фароҳам меорад.

Дар фарҷом ҷонибҳо омодагии худро барои таҳияи нақшаи муштараки чорабиниҳо бо муайян намудани самтҳои афзалиятнок, муҳлатҳои иҷро, масъулон ва натиҷаҳои интизоршаванда изҳор дошта, ҷиҳати идомаи ҳамкориҳои созанда, амалӣ ва натиҷамеҳвар дар соҳаи маориф ва илм изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАИ ШИРКАТИ «TIMES HIGHER EDUCATION»

13 августи соли 2026 бо иштироки муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомуддин Иброҳимзода, намояндаи ширкати байналмилалии «Times Higher Education» Лачин Италмазова ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ вохӯрии маҷозӣ баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ муовини вазири маориф ва илм аз идомаи ҳамкориҳои судманд миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Times Higher Education» изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид кард, ки баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ, рушди иқтидори илмӣ, омода намудани мутахассисони рақобатпазир ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маорифи кишвар ба ҳисоб мераванд.

Гуфта шуд, ки радабандии байналмилалӣ воситаи муҳим барои ташхиси институтсионалӣ, муқоисаи натиҷаҳо, муайян намудани камбудиҳо ва қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, омодагӣ ба иштирок дар радабандиҳои байналмилалӣ бояд бо баланд бардоштани воқеии сифати таҳсилот, самаранокии таҳқиқоти илмӣ, шаффофияти маълумот ва таҳкими ҳамкорӣ бо ҷомеа ва бахши иқтисод ҳамоҳанг бошад.



Ҳамчунин, иттилоъ дода шуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҷиҳати рушди таҳқиқоти илмӣ, зиёд намудани нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои байналмилалии тақризшаванда, ҷалби омӯзгорону донишҷӯёни хориҷӣ, татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ, рушди ҳаракати академӣ ва рақамикунонии низоми идоракунии донишгоҳҳо тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида истодаанд.

Дар доираи вохӯрӣ намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба методологияи радабандии ҷаҳонии донишгоҳҳои «Times Higher Education», талаботи пешниҳоди маълумот, роҳҳои беҳтар намудани ни нишондиҳандаҳои институтсионалӣ, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, байналмилаликунонӣ ва имкониятҳои иштирок дар рейтинги нави донишгоҳҳои АвруОсиё маълумоти зарурӣ гирифтанд.

Ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки дар доираи ҳамкориҳои минбаъда барои кормандони масъули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ силсилаи чорабиниҳои омӯзишӣ оид ба ҷамъоварӣ, санҷиш ва пешниҳоди маълумоти институтсионалӣ ташкил гардида, тавсияҳои амалӣ ва харитаи роҳ ҷиҳати беҳтар намудани нишондиҳандаҳои таълимӣ, илмӣ ва байналмилалии донишгоҳҳои кишвар таҳия карда шавад. Ҳамзамон, масъалаи мусоидат ба пайвастани донишгоҳҳои Тоҷикистон ба шабакаҳо ва ташаббусҳои байналмилалии «Times Higher Education» пешниҳод гардид.

Дар фарҷоми вохӯрӣ омодагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идомаи ҳамкориҳои судманд бо ширкати «Times Higher Education» дар асоси барномаи мушаххаси амал ва бо ҷалби муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат изҳор карда шуд.

ВМКБ: ФАЪОЛИЯТИ АҲЛИ МАОРИФ ВУСЪАТ МЕЁБАД



Дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ бо иштироки муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Музаффарзода, муовини раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Муслима Афзалшо, сардори раёсати муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вазорат, сардори раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва омӯзгорону кормандони соҳа машварати августии кормандони соҳаи маорифи вилоят баргузор гардид.

Зимни баргузории машварат муовини вазири маориф ва илм натиҷаҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии вилоятро таҳлил намуда, аз дастовардҳо ва пешравиҳои соҳаи маориф ёдовар шуд. Ҳамзамон, ба як қатор масъалаҳо ва камбудиҳои ҷойдошта таваҷҷуҳ зоҳир гардида, ҷиҳати бартараф намудани онҳо, беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ба масъулини соҳа ва омӯзгорон вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.

Таъкид гардид, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, беҳтар намудани шароити муассисаҳои таълимӣ ва омода намудани насли донишманду соҳибмаърифат таваҷҷуҳи доимӣ ва махсус зоҳир менамоянд. Аз ин рӯ, масъулини мақомоти идоракунии соҳаи маориф, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгоронро зарур аст, ки дар партави сиёсати маорифпарваронаи давлату Ҳукумати кишвар фаъолияти худро боз ҳам ҷоннок намуда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбарияти олии мамлакат, баланд бардоштани сифати таҳсилот, татбиқи усулҳои муосири таълим ва тарбияи насли дорои донишу ҷаҳонбинии васеъ тадбирҳои муассир андешанд.

Муовини раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба масъалаҳои рушди минбаъдаи соҳаи маорифи вилоят, омодагии ҳамаҷонибаи муассисаҳои таълимӣ ба соли нави таҳсил, фароҳам овардани муҳити мусоиди таълиму тарбия ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ибрози назар кард.

Дар ҷараёни машварат масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, омодагӣ ба соли нави таҳсил, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, истифодаи самараноки технологияҳои муосир дар раванди таълим, рушди қобилияти зеҳнии хонандагон ва таҳкими мақому манзалати омӯзгор мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Таъкид шуд, ки рушди соҳаи маориф ва илм, баланд бардоштани сифати таҳсилот, тарбияи насли донишманду соҳибмаърифат, ватандӯсту худшинос ва рақобатпазир аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Машварати имсола дар остонаи таҷлили 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, аҳаммияти махсус дошт. Зикр гардид, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар мамлакат таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди соҳаи маориф заминаҳои мусоид фароҳам оварда шуда, садҳо муассисаи нави таълимӣ бунёду таҷдид гардида, имкониятҳои таҳсил ва дастрасӣ ба дониш барои насли наврасу ҷавон пайваста беҳтар шудаанд.

Дар идомаи машварат омӯзгорон ва кормандони фаъоли соҳа, ки дар рушди маориф, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва омода намудани хонандагон ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ саҳми арзанда гузоштаанд, бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», «Ифтихорнома» қадрдонӣ гардиданд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илм

Дар филиали ДДМ ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ду маркази нави илмӣ ба фаъолият оғоз менамояд.

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд!
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

АХБОР

Маҳфили «Ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдошта»



12 августи соли 2026 дар толори IT Park-и шаҳри Душанбе чорабинии идона – маҳфили «Ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдошта» бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҷавонон ва 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар чорабинӣ ҷавонони тоҷик, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ таҳсил менамоянд, намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдор иштирок намуданд.

Дар оғоз муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомуддин Иброҳимзода таъкид намуд, ки ҷавонони тоҷик, ки дар хориҷи кишвар таҳсил менамоянд, ҳамчун неруи созанда ва дорои иқтидори баланди зеҳнӣ дар рушди илму маориф, иқтисодиёт ва дигар соҳаҳои кишвар нақши муҳим дошта метавонанд. Аз ин рӯ, таҳкими робитаи онҳо бо Ватан, мубодилаи дониш ва таҷрибаи пешқадам ва фароҳам овардани шароити мусоид барои истифодаи иқтидори онҳо аз ҷумлаи самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷавонони соҳибистеъдод бояд дониш ва таҷрибаи андӯхтаи худро дар роҳи рушди устувор, пешрафти илму технология ва ободии Тоҷикистони соҳибистиқлол самаранок истифода намоянд.

Маҳфили «Ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдошта» ҳамчун майдони муҳим барои таҳкими робита, табодули таҷриба ва ҳамгироии ҷавонони тоҷик, инчунин, ҷалби онҳо ба равандҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию инноватсионии кишвар арзёбӣ мегардад.

Бо дарназардошти афзоиши мунтазами аҳолӣ, талабот ба муассисаҳои таълимӣ низ зиёд шуда, ҳамасола барои фароҳам овардани шароити муосири таҳсил ва таъмини кадрҳои соҳибтахассус тадбирҳои васеъ андешида мешаванд.

Истиқлол ва рушди маориф

Давоми 35 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб ёфта, дар рушди он комёбиҳои муҳим ба даст омадаанд. Агар дар соли таҳсили 1991-1992 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 3179 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият мекард, то соли таҳсили 2025-2026 шумораи онҳо ба 4056 адад расид.

Давоми 35 соли Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон 877 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Рушди муассисаҳои типи нав

Дар сохтори кунунии системаи маориф, инчунин, 272 муассисаи ибтидоӣ, 308 муассисаи асосӣ ва 3476 муассисаи миёнаи умумӣ фаъолият дорад. Дар баробари ин, солҳои охир рушди муассисаҳои типи нав низ ҷараёни босуръат гирифтааст. То имрӯз дар ҷумҳурӣ 172 муассисаи типи нав, аз ҷумла, 82 гимназия ва 90 литсей фаъолият менамояд. Нисбат ба соли таҳсили гузашта шумораи ин гуна муассисаҳо 3 адад зиёд гардидааст.

Афзоиши шумораи хонандагон

Зиёд шудани шумораи муассисаҳо ба афзоиши шумораи хонандагон вобастагӣ дорад. Дар соли таҳсили 2024-2025 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 2 миллиону 357 ҳазору 56 хонанда таҳсил мекард. Ин нишондиҳанда дар соли таҳсили 2025-2026 ба 2 миллиону 462 ҳазору 7 нафар баробар гардид. Ҳамин тариқ, давоми як сол шумораи хонандагон 104 ҳазору 951 нафар зиёд шудааст.

Шумораи омӯзгорон низ афзоиш ёфтааст

Бояд иброз намуд, ки шумораи омӯзгорон низ дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфтааст. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 136 ҳазору 116 нафар омӯзгор фаъолият дорад. Нисбат ба соли аввали истиқлол ин нишондиҳанда беш аз 41 ҳазор нафар зиёд мебошад. Аз шумораи умумии омӯзгорон 89 ҳазору 950 нафарро занон ташкил медиҳанд, ки 66 дарсади ҳайати омӯзгориро дар бар мегирад.

Сатҳи таҳассуси омӯзгорон

Сатҳи таҳассуси омӯзгорон низ баланд гардида, тибқи маълумоти расмӣ, 106 ҳазору 509 омӯзгор, яъне, 78,2 дарсад дорои таҳсилоти олӣ ва 6 ҳазору 732 нафар дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошанд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ бозгӯйи он аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф аз лиҳози сифатӣ низ рушди назаррас кардааст. Таъсиси муассисаҳои типи нав, баланд шудани сатҳи таҳсилоти омӯзгорон ва фароҳам овардани шароити муосири таълим ба беҳтар шудани сифати таҳсил мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, афзоиши шумораи муассисаҳои таълимӣ, хонандагон ва омӯзгорон далели равшани таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф ва сармоягузорӣ ба ояндаи насли ҷавон мебошад.



Таъсиси се озмоишгоҳи муосир

Директори Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Хурсанд Содиқзода зимни нишасти матбуотӣ зикр кард, ки дар донишкада аз рӯйи 32 ихтисоси зинаи бакалавриат, 15 ихтисоси шакли таҳсили фосилавӣ ва 20 ихтисоси зинаи магистратура, 9 ихтисоси зинаи докторантура (PhD) аз рӯйи ихтисос, инчунин, 13 курси кӯтоҳмуддати омӯзишӣ мутахассисон омода карда мешавад.

Соли ҷорӣ 5 ихтисоси нав барои зинаи бакалавр, 1 ихтисоси магистратура ва барои 10 ихтисос дар зинаи бакалавриати шакли таҳсили фосилавӣ таъсис дода шуд.

Дар кафедраи иқтисоди рақамӣ се озмоишгоҳи муосири технологияҳои иттилоотӣ таъсис ва бо компютерҳои муосири насли нав муҷаҳҳаз гардонида шуданд. Ин инфрасохтори муосир барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои барномарезӣ, технологияҳои мултимедиявӣ, коркарди додаҳои калон (Big Data) ва омода намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисоси зеҳни сунъӣ имконоти васеъ фароҳам меорад. Ҳамзамон, дар доираи рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар факултети технологияҳои рақамӣ таъсиси Маркази рушди моликияти зеҳнӣ ба нақша гирифта шудааст.

18 созишномаи нави ҳамкорӣ

Дар нишасти матбуотӣ директори Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд А. Ҷалилзода қайд кард, ки донишкада дорои се факултет ва 12 кафедра буда, аз рӯйи 33 ихтисоси бакалавриат, 9 ихтисоси магистратура ва 4 ихтисоси докторантура (PhD) мутахассис омода карда мешаванд.

Соли 2026 донишкадаро 67 нафар бо дипломи аъло хатм карданд.

Донишкада бо зиёда аз 300 субъекти хоҷагидорӣ, аз ҷумла, корхонаҳо, ширкатҳо, бонкҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст. Танҳо дар соли таҳсили 2025-2026 18 созишномаи нави ҳамкорӣ баста шуд.

Донишкада бо мактабҳои олии кишварҳои Юнон, Финландия, Испания, Хорватия, Лаҳистон, Литва, Туркия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.

Дар натиҷаи фаъолияти маркази ҳамкориҳои байналмилалӣ 15 нафар омӯзгор барои такмили ихтисос ва табодули таҷриба ба муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ сафарбар гардида, 19 нафар донишҷӯ дар барномаҳои мубодилаи байналмилалӣ иштирок намуданд.



Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ

12 августи соли равон дар Донишкадаи тибби-иҷтимоии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор гардид, ки ректори он Зарина Ибодзода оид ба фаъолияти донишкада дар шашмоҳаи аввали соли 2026 маълумот дод. Қайд гардид, ки дар донишкада 4374 нафар ба таҳсил фаро гирифта шуда, аз ин шумора 404 нафарашон-ро донишҷӯёни хориҷӣ аз мамлакатҳои Ҳиндустон, Бангладеш, Малавӣ, Танзания, Арабистони Саудӣ, Судон, Филиппин ва Нигерия ташкил медиҳанд.

– Боиси хушнудист, ки имсол донишкадаро аввалин гурӯҳи мутахассисон хатм намуданд. Ҳамчунин, боз як муваффақияти дигари донишкада таъсиси Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ мебошад, ки ба рушди касбии мутахассисони ҷавон заминаи устувор мегузорад,-гуфт З. Ибодзода.

Тақдими либосҳои мактабӣ ба хонандагони ниёзманд

Дар майдони назди Театри давлатии Камоли Хуҷандии шаҳри Хуҷанд ярмарка-фурӯши либосҳои ягонаи мактабӣ ва лавозимоти хониш оғоз гардид. Ин иқдом дар арафаи соли нави таҳсил ва ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда, ҳадафи асосии он фароҳам овардани шароити мусоид барои омодагии хонандагон ба соли нави таҳсил мебошад.

Дар оғоз раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода ва раиси шаҳри Хуҷанд Фирдавс Шарифзода аз растаҳои ярмарка дидан карданд. Дар ин ҷо корхонаҳои саноатӣ, коргоҳҳои истеҳсоли либосҳои мактабӣ ва соҳибкорони инфиродӣ маҳсулоти гуногуни мактабӣ ва лавозимоти хонишро пешкаши сокинон намуданд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми ярмарка пешниҳоди молу маҳсулот бо нархҳои нисбат ба бозор 10-20 фоиз арзон мебошад.

Дар ҳамин ҷо либоси мактабӣ ва лавозимоти хониш ба 100 хонандаи ниёзманд тақдим гардид.

Нуъмон РАҶАБЗОДА, «Омӯзгор»

Таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор

Филиалаи Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСИС» дар шаҳри Душанбе дар самти металлургия, информатика ва иқтисодиёти соҳавӣ мутахассисонро омода менамояд. Шумораи умумии донишҷӯёни ин муассиса 768 нафарро ташкил дода, аз ин шумора 294 нафар тариқи ройгон таҳсил мекунанд ва донишҷӯёни хориҷӣ бошанд, 13 нафаранд.

– Солҳои охир идораву корхонаҳои гуногун ба хатмкунандагони филиал таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда истодаанд ва ин имкон медиҳад, ки масъалаи бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо ҳалли худро ёбад. Бояд гуфт, ки ҳамасола аз 80 то 85%-и хатмкардагони гурӯҳҳои буҷавӣ тибқи роҳхат бо ҷойи кор таъмин мешаванд. Дар баробари ин, раёсати филилал бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён бо зиёда аз 10 ташкилоту идора шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонид,-иброз дошт директори филиал М. Ҷӯраев.

Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

ФАЪОЛИЯТ

Ақаллиятҳои миллӣ ба китобҳои дарсӣ таъмин мешаванд

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба таҳсил фаро гирифтани намояндагони миллатҳои гуногун шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар баробари забони давлатӣ, инчунин, таълим бо забонҳои русӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва англисӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таълимашон бо забони ӯзбекӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Мутобиқи маълумоти масъулини Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илм, аз соли 2002 то соли 2025 барои ин муассисаҳо 71 номгӯй китоби дарсӣ бо теъдоди умумии 1 813 370 нусха нашр шудааст.



Соли 2025 таҳия ва тарҷумаи шаш номгӯйи дигар анҷом ёфта, нашри онҳо бо теъдоди умумии 136 000 нусха пешбинӣ шудааст. Ба ин рӯйхат китобҳои «Санъат ва меҳнат» барои синфи як - 30 ҳазор нусха, «Таърихи умумӣ» барои синфи панҷ - 25 ҳазор, «Забони англисӣ» барои синфи панҷум - 25 ҳазор, «География» барои синфи шаш - 23 ҳазор, «Забони англисӣ» барои синфи ҳафт - 20 ҳазор ва «Таърихи умумӣ» барои синфи даҳ - 13 ҳазор нусха дохил мешаванд.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, аз оғози сол ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 14 306 нусха китоби дарсӣ бо забони ӯзбекӣ дастрас карда шудааст. Ҳамзамон, дар анбори китобҳои дарсии Вазорати маориф ва илм 114 107 нусха китоб ва маводи таълимӣ бо забони ӯзбекӣ мавҷуд аст.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар таҳияи китобҳо бо забонҳои ақаллиятҳои миллӣ нигоҳ доштани муҳтавои ягонаи таълимӣ мебошад. Китобҳои фанҳои «Забони давлатӣ», «Таърихи халқи тоҷик», «Географияи Тоҷикистон» ва дигар фанҳое, ки таърих, фарҳанг, арзишҳои миллӣ ва маълумоти марбут ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегиранд, бо забони таълими хонандагон тарҷума ва мутобиқ карда мешаванд.

Ба гуфтаи масъулин, дар самти таъмин намудани муассисаҳои таълимашон бо забони русӣ корҳо дар чанд самт ҷараён доранд. Барои ин муассисаҳо китобҳои «Табиатшиносӣ» барои синфи якум, «Санъат ва меҳнат» барои синфҳои 1-4, «Ботаника» барои синфҳои 5-6, «Забони англисӣ» барои синфҳои 5-7 ва «Забони давлатӣ» барои синфҳои 2-8 омода шудаанд.

Ба гуфтаи Ҳусейн Маҳмудзода, намояндаи Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, теъдоди умумии китобҳои мавҷуда барои хонандагони таълимашон бо забони русӣ 16 номгӯй буда, 355 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад.

Дар баробари таҳия ва тарҷумаи китобҳо дар дохили кишвар, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар ин самт низ тақвият ёфтааст. Дар доираи ҳамкориҳо китобҳои фанни забони русӣ барои синфҳои дуюм то ёздаҳуми муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои синфҳои якум то ёздаҳуми муассисаҳои таълимашон бо забони русӣ аз ҷониби муаллифони ду кишвар таълиф ва мутобиқ карда шудаанд.

Нуктаи муҳиммеро низ бояд қайд кард, ки соли 2024 китобҳои фанни забони русӣ барои синфҳои якум то ёздаҳуми муассисаҳои таълимашон бо забони русӣ бо теъдоди умумии 20 173 нусха дар Федератсияи Россия нашр ва ба Тоҷикистон дастрас карда шудаанд.

Китобҳои «Забони русӣ» барои синфҳои сеюм ва чорум низ бознигарӣ шуда, нашри онҳо бо теъдоди умумии 400 ҳазор нусха пешбинӣ гардидааст. Қарор аст, ки оянда китобҳои синфҳои панҷум то ёздаҳум низ давра ба давра омода ва нашр шаванд.

- Бо ҳамкории Сафорати Ҷумҳурии Туркманистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 номгӯй китоби дарсӣ барои муассисаҳои таълимашон бо забони туркманӣ таҳия ва тарҷума шудааст. Аз ин шумора 16 номгӯй бо теъдоди 6100 нусха ба табъ расида, панҷ номгӯйи дигар бо теъдоди 2000 нусха дар марҳалаи чоп қарор дорад. Дар маҷмуъ, нашри 8100 нусха китоб пешбинӣ шудааст, - гуфт ҳамсуҳбати мо.

Ба рӯйхат китобҳои «Алифбо», «Забони модарӣ», «Математика», «Табиатшиносӣ», «Таърихи халқи тоҷик», «Географияи Тоҷикистон», «Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Забони русӣ» ва «Физика» дохил мешаванд. Аксари онҳо бо теъдоди 300 ё 400 нусха нашр шудаанд. Дар ҳамин марҳала китобҳои чопшуда ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Дӯстӣ, ки асосан муҳассилинаш туркманзабонҳоянд, дастрас карда шудаанд.

Мутобиқи маълумот, барои муассисаҳои таълимашон бо забони қирғизӣ 9 номгӯй китоби дарсӣ тарҷума шудааст. Пас аз анҷоми раванди ташхис онҳо ба озмуни чоп пешниҳод мегарданд. Теъдоди умумии китобҳои пешбинишуда 1500 нусхаро ташкил медиҳад. Ба ин рӯйхат «Забони модарӣ» барои синфи як, «Математика» барои синфи се, «Забони қирғизӣ» барои синфи панҷ, «Географияи Тоҷикистон» барои синфи ҳашт, «Забони англисӣ» барои синфҳои 8-11, «География» барои синфи 11 дохил мешаванд.

Барои боз ҳам беҳтар намудани таъмини хонандагони муассисаҳои таълимашон бо забонҳои ақаллиятҳои миллӣ зарур аст, ки талабот ба китобҳои дарсӣ ҳамасола аз рӯйи забони таълим, синф, фан ва шумораи хонандагон дақиқ муайян карда шавад. Ҳамзамон, ташкили махзани ягонаи электронии китобҳои дарсӣ метавонад баҳисобгирии захира, банақшагирии нашр, тақсимоти саривақтии онҳоро осон намояд. Ҷалби омӯзгорон, забоншиносон ва мутахассисони соҳавӣ ба таҳия ва тарҷума барои баланд бардоштани сифати муҳтаво ва мутобиқати истилоҳот мусоидат мекунад.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

СОЗАНДАГӢ

Бинои нави мактаб дар Хум

Дар доираи сафари кории Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Турсунзода, дар деҳаи дурдасти Хуми ҷамоати Навобод бинои нави муассисаи таълимии №97 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Муассиса барои 300 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, имрӯз 89 нафар хонанда дар он ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Бинои нав ба ҷойи муассисаи куҳна ва садамавӣ сохта шуда, барои хонандагон шароити муосир ва арзандаи таҳсил фароҳам меорад. Ин иқдом қадами муҳим дар рушди соҳаи маориф ва беҳтар намудани шароити таҳсил дар минтақаҳои дурдасти шаҳри Турсунзода мебошад.



Бунёди 767 муассисаи таълимӣ

Давоми солҳои Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса дода шуда, шумораи муассисаҳои таълимӣ, хонандагон ва омӯзгорон ба таври назаррас афзоиш ёфт. Тибқи маълумоти расмӣ, дар вилояти Суғд 767 иншооти соҳаи маориф дорои беш аз 121 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи зиёда аз 629 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

ТАВАҶҶУҲ БА ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф маҳсуб шуда, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дастгирӣ меёбад. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои мазкур тадриҷан меафзояд. Аз ҷумла, дар миқёси вилоят 315 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла, 236 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи раёсату шуъбаҳои маориф, 67 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ ва 12 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи ташкилоту корхона фаъолият намуда, 54 ҳазору 82 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Инчунин, бо мақсади инкишофи қобилияти зеҳнӣ ва завқи донишандӯзии кӯдакон, дар руҳияи худогоҳию худшиносӣ тарбия намудани онҳо ва баланд бардоштани малакаю маҳорати эҷодии кӯдакону наврасон дар назди 734 муассисаи таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 1257 гурӯҳи марказҳои инкишофи кӯдак таъсис дода шудааст, ки 27 ҳазору 215 нафар кӯдаки синни шашсоларо ба таълиму тарбия фаро гирифтааст.

Фарогирии кӯдакон дар миқёси вилоят ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо назардошти кӯдакони Маркази инкишофи кӯдак 30,2 фоизро ташкил медиҳад.

АФЗОИШИ ХОНАНДАГОН ВА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Дар вилоят 966 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, 4 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 42 муассисаи таҳсилоти асосӣ, 845 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 35 гимназия, 28 литсей, 1 Мактаби президентӣ, 3 мактаб-кӯдакистон, 1 интернати санаторӣ, 4 мактаб-интернати махсус барои кӯдакони нуқсондор, 3 интернат барои кӯдакони ятиму бепарастор фаъолият дорад. Дар онҳо 593 ҳазору 325 нафар, аз ҷумла, 290 ҳазору 365 нафар духтарон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли таҳсили 2024-2025 4 муассисаи таълимӣ ва 15 015 хонанда зиёд мебошад.

ТАЪМИНИ МУАССИСАҲО БО КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОС

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят 38 ҳазору 889 нафар омӯзгор, аз ҷумла, 27 ҳазору 606 нафар зан ба таълиму тарбияи насли наврас машғуланд, ки нисбат ба соли таҳсили 2025 1279 нафар зиёд мебошад.

Дар муассисаҳои таълимии вилояти Суғд 1206 синфхонаи компютерӣ мавҷуд буда, шумораи умумии компютерҳо ба 25 ҳазору 677 адад расидааст.

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

Тақвияти робитаҳои байналмилалӣ

– Соли 2026 шумораи умумии хатмкардагони филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе 107 нафарро ташкил дод, ки аз ин теъдод 15 нафар муассисаро бо дипломи аъло хатм намуданд,-изҳор дошт директори иҷроияи филиал Баҳрулло Файзуллозода. Раванди таълим дар заминаи шаш равияи таҳсилоти олӣ: математикаи амалӣ ва информатика, химия, физика ва механикаи мавод, геология, идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва лингвистика ташкил карда шудааст. Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён дар мақомоти давлатӣ, ташкилот ва сохторҳои филиал, донишгоҳ бо 60 муассиса шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст. Роҳбарияти муассиса барои анҷом додани корҳои илмии омӯзгорон ва кормандон шароити мувофиқ фароҳам овардааст. Аз ҷумла, мукофотпулӣ барои ҳимояи рисолаи номзадӣ дар ҳаҷми 20000 сомонӣ ва ҳимояи рисолаи докторӣ 40000 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

Дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Ҷоизаи Абуалӣ ибни Сино – арҷгузории шоистаи фарзонафарзанд ва муаррифии густурдаи илми тибби тоҷик» конференсия баргузор шуд.

Туро гарди дониш ба гардун расад,
Зи донои дигар шунидан сазад.
Абушакури Балхӣ

МУШКИЛОТ

Таваҷҷуҳ ба омода кардани мутахассисони соҳаи китобдорӣ меафзояд

Барномаи рушди китобхонаҳои деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2027-2031, ки рушди китобхонаҳои деҳот, ташаккули низоми такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва тайёр намудани мутахассисон, таҳкими заминаи моддию техникӣ ва мутобиқ намудани фаъолияти китобхонаҳо ба талаботи муосирро фаро мегирад, 30 июни соли ҷорӣ дар Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Ҳадафи барнома аз таъмини китобхонаҳои деҳот бо таҷҳизоти компютерӣ, пайвасташавии онҳо ба шабакаи интернет, ташкили махзанҳои электронии китобҳо, баланд бардоштани саводнокии кормандони китобхонаҳо ва ҷалби бештари аҳолӣ, махсусан, наврасону ҷавонон ба китобхонӣ иборат мебошад. Вобаста ба паҳлуҳои соҳаи китобу китоборӣ бо мудири кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографияшиносии ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода, дотсент Гадобек Маҳмудов суҳбате оростем, ки пешкаши хонандагони арҷманд мегардад.

- Муҳтарам Гадобек Маҳмудов, нақши Барномаи рушди китобхонаҳои деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2027-2031-ро дар соҳаи китобдорӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Аввалан бояд гуфт, ки қабули чунин барнома айни муддаост. Ҳама медонанд, ки замони технологияи рақамӣ фаро расидааст. Бинобар ин, дар доираи татбиқи ин барнома муҷаҳҳаз намудани китобхонаҳои деҳот бо техника ва таҷҳизоти муосир, таъмин намудани онҳо бо компютер, пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет, ташкили махзанҳои элекронии китобҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ пешбинӣ гардидааст.

Сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлат дар таҷдиди кулли соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус, дар соҳаи китобдорӣ заминаи мустаҳкам дар рушду нумуи он ва имконияти баробар шудан ба дастовардҳои ҷаҳонӣ муҳайё гардонидааст. Тавассути дастгирии Пешвои миллат дар даврони соҳибистиқлолӣ тағйироти бузурге дар соҳа ба амал омад. Кушодашавии китобхонаҳои нав дар марказ ва минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, дастгириҳои барномаҳои рушд ва дар охир бунёди бинои нави Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо муҷаҳҳазнамоии он бо технологияи навтарин, нашри силсилаи «Ахтарони адаб», баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон» аз ҷумлаи онҳо маҳсуб меёбанд.

Замони муосир тақозо менамояд, ки ба омода намудани мутахассисони соҳаи китобдорӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем. Дуруст аст, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ норасоии кадрҳои соҳаи китобдорӣ ҳалли худро ёфта истодааст, вале масъалаи ғайритахассус фаъолият намудани кормандони китобхонаҳо ҳанӯз ҳам боқӣ мемонад. Имрӯз муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбии соҳаи китобдории ҷумҳурӣ дар тайёр намудани мутахассисон ба китобхонаҳо ба қадри имкон саҳм гузошта истодаанд. Тахассусҳое, ки дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ омӯзонида мешаванд, вобаста ба талаботи ҷомеаи имрӯза мутобиқ ва ҳамоҳанг карда шудаанд.

Дар давраи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, вақте ки принсипи ҳатмии нигоҳ доштани кадрҳо баъди хатми муассисаҳои таълимӣ аз байн рафт, аз китобхонаҳо рафтани мутахассисони ҷавон афзуд. Бояд қайд кард, ки сатҳи саводнокии аксари кормандони китобхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ аз ҳам фарқ мекунанд ва на он қадар ба талабот ҷавобгӯянд. Чунин вазъ дар китобхонаҳои мактабӣ ва соҳавӣ низ ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, ташкил намудани раванди бозомӯзӣ ва азнавтайёркунии касбӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.



- Имрӯз дар кадом муассисаҳои таълимӣ кадрҳои соҳаи китобдориву китобхонашиносӣ тайёр карда мешаванд?

- Айни замон дар мамлакат се мактаби олӣ ва се миёнаи касбӣ мавҷуд аст, ки аз рӯйи ихтисосҳои китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ мутахассисонро барои китобхонаҳо тайёр мекунанд. Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода мутахассисони соҳаи китобхонаро дар низоми таҳсилоти сезинагӣ: бакалавр, магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисоси китобдорӣ ва таъминоти иттилоотӣ, ду муассисаи дигар китобдоронро аз рӯйи дараҷаи бакалавр тайёр мекунанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ягона муассисаи таҳсилоти олии касбии омодакунандаи мутахассисони соҳаҳои мухталифи фарҳанг ва санъат маҳсуб меёбад. Дастпарварони донишкада имрӯзҳо дар бахшҳои гуногуни фарҳанг ва ҳунари мамлакат ва як қатор кишварҳои хориҷӣ фаъолияти пурсамар доранд.

Факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ дар сохтори донишкада мақоми хос дошта, бештар аз 50 сол инҷониб дар таълиму тарбияи мутахассисони соҳаи китобдорӣ нақши муҳим мегузорад. Ҳоло бошад, дар факултет мутахассисонро аз рӯйи ихтисосҳои китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ, забон ва адабиёт – китобхонашиносӣ, кори ноширӣ ва бойгонишиносӣ омода месозанд. Дар ихтисоси китобдории факултет 370 нафар донишҷӯ, дар шуъбаи рӯзона 82 ва дар шуъбаи фосилавӣ 288 нафар таҳсил менамоянд.

Соли таҳсили 2025-2026 аз рӯйи ихтисоси китобдорӣ 61 нафар зинаи бакалавр, 2 нафар магистратура ва ду нафар докторантураро хатм намуданд. Имрӯз зиёда аз 3 ҳазор нафар хатмкардаи факултет дар китобхонаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо ва ғайра фаъолият менамоянд.

- Ҷиҳати омода намудани мутахассисони соҳаи китобу китобдорӣ дар донишкада кадом тадбирҳо андешида шудааст?

- Факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ ҳамчун яке аз марказҳои бузурги илмӣ дар ҷумҳурӣ оид ба проблемаҳои илми китобдорӣ ва тарбияи мутахассисони ҷавон беш аз пеш талош мекунад. Факултет бо дарназардошти талаботи ҷомеаи муосири иттилоотӣ фаъолияти худро бо муассисаҳои фаҳангии ҷумҳурӣ ва хориҷа густариш медиҳад. Бо шарофати соҳибистиқлолӣ бори аввал дар таърихи кишвар Шурои ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар соҳаи китобдорӣ таъсис дода шуд, ки аллакай ду нафар хатмкунандаи факултет рисолаҳои худро сарбаландона дифоъ намуданд. Факултет тадриҷан ба стандартҳои нави давлатӣ ворид гардида истодааст. Имрӯз таълими фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ тибқи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии ихтисосҳои бойгоншиносӣ, китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ, бойгонии аудиовизуалӣ, кори ноширӣ ба роҳ монда шудааст.

- Барои суҳбати муфид ташаккур.

- Саломат бошед.

Суҳбаторо
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

Хоки мазори шоирро ба Тоҷикистон бояд оварад!



Ҳабиб Юсуфӣ баъд аз хатми Университети давлатии шаҳри Самарқанд соли 1940 ба Сталинобод омад ва дар Институти забон ва адабиёт ва таърихи филиали тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС ходими илмӣ таъин шуд. Дар ин ҷо чун ходими илмӣ, шоир, тарҷумон кор кард. Ӯро моҳи марти соли 1942 ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС даъват карданд.

Вай аввал дар Омӯзишгоҳи ҳарбӣ-миномётии шаҳри Пенза таҳсил карда, сазовори унвони лейтенанти хурд гардид. Баъди як сол ӯро ба фронти Ленинград интиқол доданд. Вай акнун шоир не, балки чун ҷанговари Артиши Шуравӣ бо душманони Ватан рӯ ба рӯ истода меҷангид ва вазифаи муқаддаси худро ado менамуд. Ҳ. Юсуфӣ дар мудофиа ва озод кардани Ленинград иштирок намуда, дар яке аз мактубҳояш (19 ноябри соли 1943) дар ин бора навишта буд: «… он рӯзҳо дур нест, ки душмани манҳусро аз дарвозаи ин шаҳри азим дур андозем».

Шоири ҷанговар дар ин фронт бо медали «Барои мудофиаи Ленинград» қадрдонӣ карда шуд ва ӯро дар фронт ба сафи Ҳизби коммунист қабул намуданд. Шоир баъди озод гардидани Ленинград бо ҳамароҳон худ ба хоки Полша қадам ниҳод. Дар як мактубаш аз тарафи халқи мазлуми Ғарб хушу хурсандона пешвоз гирифта шудани артиши озодибахши моро бо камоли ифтихор чунин қайд кардааст: «Ба Полша омадем, ҳозир дар дарвозаи пойтахти он қарор дорем… он чизҳое, ки дар бораи бадкирдориҳои немисҳо аз газетаҳо мехондем, акнун аз шоҳидони воқеӣ шунида истодаем…»

Ҳ. Юсуфӣ дар фронт ҳам савияи илмӣ-сиёсии худро баланд мебардошт. Дар мактуби 28-уми марти соли 1943 фиристодааш «Ман ҳозир романи Л. Н. Толстой «Война и мир»-ро хонда истодаам»,- гуфтааст. Ҳ. Юсуфӣ ёру диёри худро дӯст медошт, аммо ӯ нуқтаи бозгашти хешро фақат бо роҳи сарҳадҳои ғарбии ИҶШС ва аз даруни Берлин муайян карда буд: «… агар саломатӣ бошад, роҳи мо ба Самарқанд ва Сталинобод ба воситаи Берлин аст…» – навишта буд. Мутаассифона, ба орзуи худ нарасид. Дили пурҷӯшу хурӯши ӯ 4-уми феврали соли 1945 аз тири ноҷавонмардонаи фашистони манҳус аз тапидан монд. Мувофиқи маълумоти Саруправленияи Вазорати мудофиаи ИҶШС муайян шудааст, ки командири взводи собиқ полки 532-и миномётии дивизияи 18-уми артилерӣ, лейтенант Юсуфов Ҳабибулло (Ҳабиб Юсуфӣ) пас аз сахт яродор шудан, 4-уми феврали соли 1945 ҳалок гардида, дар мавзеи СЭ-и қабристони русҳо, марқади №9, ки дар шаҳри Викшуви губернияи Варшава воқеъ аст, дафн шудааст.

Ҳабиб Юсуфӣ на танҳо шоири ватандӯст, балки мутарҷими тавоно ва адабиётшиноси нуктасанҷ низ буд. Ӯ орзу дошт, ки баъди анҷоми ҷанг ба Ватан баргашта, шеъру достонҳои зиёде эҷод мекунад. Агарчи ба ин орзуҳояш нарасид, аммо аз соли 1936 то соли 1942, яъне, аз вақти чопи аввалин шеъраш дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» то замони ихтиёрӣ ба хидмати Ватан рафтан аз худ 400 саҳифаи чопӣ шеъру достон, тарҷума ва мақолаҳо боқӣ гузошт.

Аз ин рӯ, дар байни адибон мақоми шоиста ва хонандагону ҳаводорони ашъораш маҳбубияти хосса пайдо намуд. Бинобар ин, месазад, маҷмуаи ашъори ӯ мисли осори шоирони гузашта сари ҳар чанд вақт бознашр шавад. Мутаассифона, аз солҳои 70-80-уми асри гузашта ин тараф китобҳои ӯ рӯйи чопро надидаанд ва ҳеҷ мактаб ё кӯчаро ба номаш (кӯчаи шоири ватандӯст) нагузоштаанд. Бояд ин кор анҷом дода шавад, зеро Ҳабиб Юсуфӣ ба ин сазовор аст.

Азбаски ҷойи дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гардидани шоири шаҳид маълум аст, хоки мазораш ба Душанбе интиқол дода шавад ва омӯзгорон тавонанд пас аз таълими ҳаёту эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ дар синфҳои 7-11 шогирдонро ба зиёрати марқади ӯ роҳнамоӣ кунанд.

Хайрулло РАҲИМОВ,
Аълочии маорифи Тоҷикистон

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ бинои нави раёсати маориф ва 3 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ба истифода дода мешаванд.

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

АЗ ДЕҲАИ КӮЧАК ТО ДАРГОҲИ ДОНИШ ВА КАСБ

Қиссаи як насли соҳибистиқлол

Ҳар миллате, ки ба ояндаи худ бо итминон менигарад, пеш аз ҳама, ба маориф такя мекунад. Мактаб даргоҳи маърифат, муҳити ташаккули ҷаҳонбинӣ, макони парвариши ахлоқу фарҳанг, ватандӯстиву масъулиятшиносӣ ва нахустин қадами инсон ба сӯйи дониш, касб ва зиндагии мустақил аст.

Дар таърихи ҳар давлат даврае ҳастанд, ки тағйироти бузурги сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба зиндагии ҳаррӯзаи мардум таъсири бевосита мерасонанд. Барои насли мо чунин давра даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аст. Ман ин дигаргуниҳоро дар масири зиндагии худ бевосита дидаву эҳсос кардаам. Вақте имрӯз ба роҳи тайкардаи худ назар меафканам, мебинам, ки қариб ҳар як марҳалаи зиндагиам бо мактаб, дониш, омӯзиш ва тағйироти муҳити таълимӣ пайванди ногусастанӣ доштааст. Аз ин рӯ, вақте аз дастовардҳо ва дигаргуниҳои соҳаи маориф дар даврони истиқлол сухан мегӯям, мехоҳам аз ҳамон нуктае оғоз кунам, ки роҳи ман ба сӯйи дониш аз он ҷо сар шуд.

Соли 2013 дар як қисмати шаҳри Вахдат заминларза рух дод ва дар натиҷа, бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №80 дар ҳолати садамавӣ қарор гирифт. Хушбахтона, бо дастгирии Ҳукумати мамлакат муассисаи таълимӣ дар муҳлати кӯтоҳ аз нав бунёд гардида, бо тарҳи замонавӣ ва шароити беҳтар ба истифода дода шуд. Бинои дуошёнаи нав барои хонандагон муҳити муносиби таҳсилро фароҳам оварад.

Парчами давлатӣ, ки дар саҳни муассиса парафшон аст, барои ман рамзи истиқлол ва созандагист. Зеро истиқлол вақте маънои воқеӣ пайдо мекунад, ки натиҷаи онро дар зиндагии мардум, дар мактабҳои нав, дар синфхонаҳои обод ва дар имкониятҳои бештари фарзандони кишвар эҳсос кардан мумкин бошад. Ҳамин тавр, пас аз гирифтани маълумоти миёнаи нопурра таҳсилро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №62-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе идома додам. Ин муассиса низ дар ҳаёти ман ҷойгоҳи махсус дорад. Яке аз хотираҳои фаромӯшнашавандаи мо, хатмкунандагони ин даргоҳ, ба истифода дода шудани бинои нави муассиса мебошад. 30 августи соли 2014 бинои нави мактаб аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гардид. Гарчанде ин муассисаро 7 сол пеш хатм карда будам, ифтитоҳи бинои нави он барои мо, хатмкардагони ин даргоҳ низ рӯйдоди хотирмон буд.

Бинои нави муассиса ҳамчун яке аз мактабҳои муосири пойтахт бо 30 синфхонаи муҷаҳҳаз, маҷлисгоҳ, толори китобхонӣ, ошхона ва дигар шароити зарурӣ бунёд гардида, барои қабули зиёда аз ҳазор хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда буд, аммо як ҷузъи дигар низ барои ман аҳаммияти хос дорад. Тибқи супориши Роҳбари давлат бинои қаблии мактаб ба кӯдакистон табдил дода шуд. Яъне, он бино аз ҳаёти иҷтимоӣ берун намонд, балки вазифаи худро дар шакли дигар идома бахшид. Дар ҳамин муҳити мактабӣ орзуи идомаи таҳсил дар ман қувват гирифт ва ниҳоят роҳи зиндагӣ маро ба донишгоҳ бурд. Моҳи сентябри соли 2012 ба факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (он замон факултети рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон) дохил шудам. Солҳои донишҷӯии мо ба давраи дигаргуниҳои чашмрас дар муҳити донишгоҳӣ рост омаданд. Аз ҷумла, тағйироти тадриҷии «Шаҳраки донишҷӯён», корҳои ободонӣ ва фароҳам омадани имкониятҳои нав барои донишҷӯён нишон медоданд, ки мактабҳои олӣ низ дар баробари ҷомеа рушд мекунад. Мо, донишҷӯён, кӯшиш мекардем дар корҳои ободонӣ ва ташаббусҳои ҷамъиятӣ саҳм гузорем. Ҳанӯз он солҳо, зимни яке аз ташрифҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба «Шаҳраки донишҷӯён», даъвати Сарвари давлатро ба саҳмгузорӣ дар корҳои ободонӣ бо рӯҳияи баланд қабул карда будем. Соли 2016 ҳамкориамро дар шуъбаи иттилоот ва нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оғоз кардам. Нахуст ба ҳайси муҳаррир фаъолият намуда, баъдан ба вазифаи сармуҳаррири рӯзномаи «Молия ва иқтисод» расидам ва то имрӯз дар ҳамин муҳит фаъолият дорам. Яке аз рӯйдодҳои муҳим дар таърихи 30-солаи донишгоҳ 20 декабри соли 2022 ба истифода супоридани бинои нави таълимӣ бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Ин бино дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, барои донишҷӯён шароити нави таълимиро фароҳам оварад.

Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мутахассисон аз рӯйи самтҳои гуногун омода карда мешаванд. Дар баробари ихтисосҳои анъанавӣ, самтҳои вобаста ба иқтисоди рақамӣ, амнияти иқтисодӣ, амнияти компютерӣ, кибернетикаи иқтисодӣ ва дигар ихтисосҳои ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ низ ба роҳ монда шудаанд.

Дар саргузашти ҳар инсон метавон як бахши таърихи ҷомеаро дид.

Вақте ин масирро мебинам, дарк мекунам, ки ҳар як марҳалаи он ба дастовардҳои соҳаи маориф дар замони соҳибистиқлолӣ ва сиёсати хирадмандонаю маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаи ногусастанӣ дорад. Ба андешаи ман, яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеаи инсонӣ пайванди ногусастании он бо илму маориф, маърифат ва хирад мебошад. Инсон ва ҷомеа маҳз тавассути сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, фарҳанг ва қобилияти истифодаи хирад арзёбӣ мешаванд. Аз ин рӯ, пешрафти тамаддуни башарӣ бо илму маориф робитаи мустақим ва ҷудонопазир дорад.

Инсон аз оғози пайдоиши худ ҳамеша дар талоши беҳбудии зиндагӣ, рушди ҷомеа ва расидан ба камол будааст. Бани башар омӯхтааст ва омӯзонидааст, таҷриба андӯхтаву онро ба наслҳои баъдӣ интиқол додааст. Маҳз ҳамин равиши пайвастаи омӯзиш, омӯзонидан ва таҷрибаомӯзӣ заминаи пешрафти ҷомеа ва ташаккули тамаддунҳои башариро фароҳам овардааст.

Дар ин масир як воқеият барои ман равшантар аз ҳама ба назар мерасад, ин аст, ки таърихи маорифро метавон дар таърихи зиндагии инсонҳо дид. Дар ҳақиқат, ҳар қадар ба қафо менигарам, ҳамон андоза бештар дарк мекунам, ки маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ оғози роҳи ман ба сӯйи дониш, маърифат, касб, ҷаҳонбинӣ ва худшиносӣ будааст. Агар имрӯз мактабҳо ободтар, донишгоҳҳо муҷаҳҳазтар ва имкониятҳои таҳсил зиёд шудаанд, ин пеш аз ҳама, маънои онро дорад, ки таваҷҷуҳ ба насли наврасу ҷавонон бештар гардидааст. Аз ин рӯ, арҷ гузоштан ба илму маориф, густариши маърифат ва тарбияи насли донишманду меҳнатпараст масъулияти мо дар назди фардо ва наслҳои минбаъда маҳсуб меёбад.

Наврӯз ҶОБИРОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи
«Молия ва иқтисод»-и ДДМИТ

ЗЕҲҲНИ СУНЪӢ – ЁВАРИ ОМӮЗГОР

Ҷомеаи муосир дигар ба шахсе эҳтиёҷ надорад, ки танҳо маълумотро аз китоб ба тахта нусхабардорӣ кунад. Имрӯз ҳар хонанда метавонад дар чанд сония ба ҳазорҳо манбаи маълумот дастрасӣ пайдо кунад, аммо донистани маълумот ҳанӯз дониш нест.

Дар замони рақамикунонӣ аз омӯзгор танҳо донистани фан кофӣ нест, ӯ бояд тавонад аз технологияҳои нав ба манфиати таълим истифода кунад. Зеҳни сунъӣ метавонад дар чанд дақиқа нақшаи дарс, саволҳои санҷишӣ ё маводи иловагӣ омода намояд, аммо танҳо омӯзгор метавонад онҳоро ба синну сол, сатҳи дониш ва хусусияти ҳар як хонанда мутобиқ созад. Имрӯз омӯзгори муваффақ касе нест, ки ҳама чизро аз ёд медонад. Омӯзгори муваффақ касест, ки медонад чӣ гуна аз имконоти нав дуруст истифода барад. Аз ин рӯ, омӯзгори асри XXI бояд ҳадди ақал панҷ малакаи муҳимро соҳиб бошад.

Якум, малакаи истифодаи дурусти зеҳни сунъӣ, яъне, вай бояд донад, ки чӣ гуна ба он супориши дақиқ диҳад ва ҷавоби гирифташударо дуруст истифода кунад.

Дуюм, ҳар ҷавобе, ки зеҳни сунъӣ пешниҳод мекунад, бояд санҷида шавад. Омӯзгор ҳақ надорад, маълумоти нодуруст ё ғаразнокро ба хонанда пешниҳод намояд.

Сеюм, зеҳни сунъӣ метавонад матн нависад, аммо дарси ҷолибро танҳо омӯзгори эҷодкор мегузаронад. Маҳз омӯзгор аст, ки муҳити омӯзиширо шавқовар ва зинда мегардонад.

Чорум, ҳеҷ технология ҷойи сухани руҳбаландкунанда ва муносибати инсониро гирифта наметавонад. Боварии хонанда ба омӯзгор дар муҳити зиндаи синф ташаккул меёбад, на дар экрани компютер.

Панҷум, технология ҳар рӯз тағйир меёбад. Агар омӯзгор омӯзишро қатъ кунад, баъд аз чанд сол аз пешрафти замон қафо мемонад. Аз ин рӯ, омӯзиши доимӣ имрӯз дигар интихоб нест, балки талаботи касб мебошад.

Қадами муҳимтарин дар ин самт қабули Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 мебошад. Ин санад самтҳои асосии рушди зеҳни сунъӣ, аз ҷумла, дар соҳаи маорифро муайян намуда, омода кардани мутахассисони соҳибихтисос ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро яке аз афзалиятҳои давлатӣ эътироф мекунад.

Дар баробари ин, дар муассисаҳои таълимӣ истифодаи технологияҳои рақамӣ тадриҷан густариш меёбад. Бо дастгирии шариконе байналмилалӣ, омӯзгорон ба омӯзиши воситаҳои нави рақамӣ ҷалб гардида, бо имконоти зеҳни сунъӣ шинос мешаванд. Барномаҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва курсҳои такмили ихтисос нишон медиҳанд, ки омӯзгори тоҷик низ омода аст, дониш ва малакаҳои худро мутобиқ ба талаботи замон такмил диҳад.

Қарори ворид намудани фанни «Асосҳои зеҳни сунъӣ» ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ аз он шаҳодат медиҳад, ки кишвар ба рушди иқтисоди рақамӣ ва омода намудани насли оянда таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд.

Бо вуҷуди ин, набояд воқеиятро нодида гирифт. Дар як қатор муассисаҳои таълимӣ ҳанӯз ҳам масъалаҳои дастрасӣ ба интернет, таъмин бо техникаи муосир ва баланд бардоштани салоҳияти рақамии омӯзгорон пурра ҳалли худро наёфтаанд.

Имрӯз омӯзгор бояд дарк намояд, ки зеҳни сунъӣ рақиби ӯ нест, балки ёвару воситаи кории ӯст. Ҳамон тавре ки як замон истифодаи компютер, тахтаи электронӣ ва интернет ба фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгор ворид шуданд, имрӯз истифодаи воситаҳои зеҳни сунъӣ низ ба қисми ҷудонашавандаи раванди таълим табдил меёбад, аммо истифодаи технология танҳо бо пахш кардани чанд тугма маҳдуд намешавад.

Масалан, зеҳни сунъӣ метавонад барои омода кардани нақшаи дарс, саволҳои санҷишӣ ё маводи иловагӣ кумак расонад, вале интихоби усули беҳтарини таълим, муносибати инфиродӣ ба ҳар хонанда ва муҳити солими синфро танҳо омӯзгор метавонад таъмин намояд. Дар баробари ин, омӯзгор бояд дар хонандагон фарҳанги истифодаи дурусти технологияро низ ташаккул диҳад. Истифодаи зеҳни сунъӣ набояд ба роҳи осони иҷрои вазифаи хонагӣ табдил ёбад. Баръакс, хонанда бояд омӯзад, ки ҷавоби пешниҳодкардаи зеҳни сунъиро таҳлил кунад, санҷад ва танҳо баъд аз он истифода барад.



Юнус ҲАСАНЗОДА,
сармутахассиси шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар вилояти Хатлон беш аз 900 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Биёмӯз, ҳарчанд битвониё
Магар хештан шод гардониё.
Абушакури Балхӣ

БА МУНОСИБАТИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

ТАҶРИБАИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУҚОВИМАТ БО ТАҲДИДУ ХАТАРҲОИ МУОСИР

На шабам, на шабпарастам,
ки ҳадиси хоб гӯям,
Чу гуломи офтобам, ҳама з-офтоб гӯям.

Ҷавҳари аслии мавзуи ин мақола на таҳдиду хатарҳои рӯзафзуне, ки мо дар тӯли зиёда аз 35 сол бо онҳо дасту панҷа нарм мекунем мебошад, балки ин дарки иқтидори худӣ ва такя ба неруи дохилӣ бозёбии роҳҳали масъалаҳои калонмиқёси минтақавӣ ва дохилист.

Таъкиди мо бар нуқтаи қудрати мудофиавӣ ва давлатии Тоҷикистон аст. Ин неруи худӣ иборат аст аз фарҳанги мудирияти волои давлат-ҳукумати кишвар, равшанфикрони пешоҳанг ва ҷавонон, дар маҷмуъ, халқи шарифи Тоҷикистон. Аз ин нуқтаи назар, Тоҷикистон сипари боэътимоди минтақа ва ҷаҳон маҳсуб мешавад, зеро сарҳади давлатии Тоҷикистон - марзи тамаддунӣ ва ҳомиву муҳофизи арзишҳои дунявимадори кишварҳои минтақа мебошад.

Маънавиёти миллати тоҷик аз аҳди қадим ҳамвора аз инъикосу тасвири арзишҳои ноби дунёмадорӣ, шахсиятсозӣ, ҳунарварзӣ, андешамандӣ, инсонпарварӣ, дӯст доштани ҳаёт, шахрнишинӣ, арҷгузорӣ ба кору пайкор, қудсияти илму пажуҳиш, рӯҳияи солим ва иродаи қавии шикастнопазир дар қиболи мушкилоти рӯзгор моломол ва саршор будааст. Рафтори тоҷикон дар имтидоди таърих амалгаро ва хилофи ақидаҳои ҷазмбоварона (догматикӣ) будааст. Ҳамин хислату маниши бунёдӣ тавонистааст тоҷикро ҳамчун “мурғи самандар” дар набардҳои шадиди таърихии хатарзо ҳифз намояд, забон, фарҳанг, таърих ва анаънаҳоро собитқадмона нақш бар санг кунад.

Тоҷикон дар масири таърих на танҳо барои бақои худ саъйю талоши беандоза сангин кардаанд, балки ҳамчун сипари боэътимоди амниятӣ барои ҳифзи давлатдории ҳамсоягон низ хидмат намудаанд, ки ин саҳми истисноиро коршиносони холисандеш эътироф ва зикр менамоянд.

Агар ба ин масъала аз нуқтаи назари таърихнигорӣ решаёбӣ намоем, намунаҳои нодири истодагарӣ ва пайдо кардани роҳои ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаётӣ дар вуҷуди ҳар тоҷик дида мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли 35 сол барои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ, боло бурдани донишҳои технологӣ ва маҳоратҳои муосир кӯшиш намуда, бо баланд бардоштани қобилияти мудофиавии кишвар, ки ба тарбия ва ташаккули шаҳрвандони рақобатпазир дар воқеияти имрӯза нигаронида шудааст, тадбирҳои муассир ва самаранок андешиданд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол чанд неруи қавӣ, ки барои роҳҳали калонмиқёси масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба ҳам гиреҳ хӯрдааст, арзи вуҷуд дорад: 1) Пеш ва беш аз ҳама фарҳанги мудирияти волои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон; 2) Ваҳдати комили миллӣ; 3) ҳувияти созанда ва ободкори миллати тоҷик; 4) тарбия ёфтани як насли давлатсоз; 5) бо имкониятҳои мавҷуда ва захираи қавии неруи инсонӣ татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ.

Ҳузури неруи худкифои мудофиавӣ-амниятӣ имкон медиҳад, ки зарфият ва қобилияти мавҷуда барои иҷрои дилхоҳ супоришҳо равона карда шавад.

Мавқеъгирии давлатмеҳварона ва дидгоҳи созандаи ҷомеа, вуҷуди барҷастаи табақаи равшанфикрони миллӣ ҳамчун пешоҳанги ташаббусҳои маорифпарварӣ ва дар зимн шаклгирии афкори умумӣ ва иҷмои комили миллӣ дар ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ва ривоҷ ёфтани тамоюли ақлгароӣ ва дунявимадорӣ дар зеҳнияти ҳадди аксари сокинон ба мушоҳида мерасад.

Дастовардҳои сиёсати хориҷии мутавозун ва табдилёбии тадриҷии шаҳри Душанбе ба маркази воқеии тасмимгириҳои калонмиқёси сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ далели ин гуфтаҳост.


Ҳамин аст, ки Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, он шоири паёмрасон, рисолати шаҳрвандони ватандӯст ва марзбонҳоро ҳамчун ҷузъи низоми амниятии кишвар басо нишонрас гӯшзад кардааст:

Зи ҷое, ки омад фиристодае,
Зи турку румиву озодае,
Аз ӯ марзбон огаҳӣ дошт,
Чунин корҳо хор нагзошт.

Бо риояи тавозуни тақсимоти оби минтақа мақому мартабаи Тоҷикистон - кишвари дорои захираҳои ғании обӣ ва неруи қавии инсонӣ ҳамчун қудрати истисноии минтақавӣ бамаротиб барҷаста мегардад.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон, бозпасгардонии гурезаҳо ва хосатан ҳифзи бокифояти сарҳади давлатӣ аз навъи бархӯрди созандаи давлатсозӣ маҳсуб мегарданд.

Дифои арзишҳои дунявӣ на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо дарназардошти сохти дунявии ин кишварҳо, таъсиси сохтори комилҳукуқ ва тамомъиёри амниятӣ-мудофиавӣ барои барпо кардани чатри ягонаи амниятӣ аз сарҳади давлатӣ то деҳаи дурдастҳтарин, ки сипари боэътимод бар зидди хатару таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ мебошад, татбиқ мешавад.



Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи камёфт ва нодир дар минтақаи Осиё дорад ва бо чунин зарфият бо баъзе истисноиҳо метавонад муддаии абарқудрати минтақавӣ бошад:

- пеш ва беш аз ҳама фарҳанги мудирияти волои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон;

- фарҳанги оламшумули ориёӣ. Коршиносони вафодори хатти давлатдории муосири тоҷикон бар онанд, ки Тоҷикистон - ягона кишвари дунявӣ дар қаламрави Ориёнои таърихист ва агар аз зовияи эъмори давлатсозӣ ба вазъияти умумиҷаҳонӣ нигарем, дастовардҳои давлати муосири тоҷикон чӣ дар самти миллатсозӣ ва чӣ дар тарвиҷи тамаддуни фавқулода беназири миллӣ, барҷаста ва бамаротиб афзалиятнок ба назар мерасад.

- мавҷудияти сохти дунявии комёб;

- неруи қавӣ ва иқтидори зеҳнии фавқулодаи инсонӣ, ки бар таърихи 5 ҳазорсолаи ҳувиятӣ такя мекунад;

- мавқеи ҷуғрофии муносиб;

- маркази обҳои минтақа ва таъминкунандаи барқ барои кишварҳои ҳамсоя;

- иқтидори бузурги тавлиди энергияи сабз 60% ва захираҳои ка-лони сурма;

- канданиҳио фоданоки ғанӣ (уран (16% захираҳои ҷаҳонӣ, сангҳои қиматбаҳо, тилло, алюминий ва ангишт);

- ваҳдати комили миллӣ. Ин ҷо суханони суханони Абулфазли Балъамӣ, вазири донишманди аҳди Сомониён созгори ҳамин бахши мақола донистем: «Ваҳдату ҳамдастӣ ва муттафиқию ҳамсилкии аҳли ҷомеа ва вафопешагӣ бар Меҳани хеш пояи боэътимоди мстиқлол, тавоноӣ ва шикастнопазирии давлат аст»;

- ҳувияти созанда ва ободкори миллати тоҷик;

- тарбия ёфтани як насли давлатсоз;

- бо имкониятҳои мавҷуда ва захираи қавии неруи инсонӣ татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ.

Танҳо Истиқлоли давлатӣ имкон даст дод, ки бо пуштибонӣ аз ирода ва хиради ҷамъӣ ба воя бирасад, бо пӯёгарӣ ва пазириши масъулият пайомадҳои шеваи хушунатгунаи доираҳои тундгароро, ки ғаразашон усули ақибмондагӣ, оини вопасгароӣ, бухрони давомдори сиёсӣ-иҷтимоӣ ва дар ниҳоят ниҳодина сохтани фоҷеаи миллӣ буд, рафъ намоянд.

Ҳолати истисноии ин вазъият, дар асоси меъёрҳои манфиати миллӣ ва таҳаммулгароӣ бино ёфтани давлати дунявимеҳвар мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, аз як сӯ, дар партави меҳри тарафдорони ғояи дунявӣ ва давлатмадор рӯ ба рӯ будааст. Қуввахои иртиҷоӣ, ки зери байраки эътирозҳои ба ном ухравӣ шиорпартоӣ мекунанд, барои пешбурди ҷомеа дастовезе ҷузъ касодии маънавӣ дар пай надоранд.

Чеҳраи давлатмарди тоҷики қарни XXI, пеш аз ҳама, худшинос, масъулиятпазир, инсонпарвар, қонунмадор, пойбанд ба таърифи манфиатҳои аслии миллӣ ва савганди зиёӣ, донову зирак, ватандӯст, муҷаҳҳаз бо илми муосир, ташкилотчӣ, таҳаммулпазир, ақлгаро ва орӣ аз эҳсосот, коромад, солор, бовиқор, дунявиафкор ва обутобёфта мебошад. Сифати истисноӣ, хислатҳои ноб ва азалии ин кормандон, пеш аз ҳама, аз мушкилот ҳарос надоштан ва бо онҳо дасту панҷа нарм кардан дониста мешавад.

Бо дарназардошти навиштаҳои боло, бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши муқовимати созанда бо таҳдиду хатарҳои муосир қарор дорад ва чун сипари боэътимоди минтақа тамоми кӯшишу тавоноӣ ва қудрати худро баҳри сулҳу субот ва амнияти ин қисмати ҷаҳон равона месозад.

Умед НАЗАРОВ,
номзади илмҳои таърих

ТАЙЁРӢ



Омодагӣ ба соли нави таҳсил ва зимистонгузаронӣ дар мадди назар

Дар вилояти Суғд омодагӣ ба соли таҳсили 2026-2027 бомаром идома дошта, дар баробари бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва таъмиру тармими муассисаҳои амалкунанда, масъалаи фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия, бартараф намудани норасоии ҷойҳои нишаст ва омодагӣ ба зимистонгузаронӣ дар маркази тавваҷҷуҳ қарор дорад.

Омодасозии муассисаҳои амалкунанда ба соли нави таҳсил идома дорад. То имрӯз корҳои таъмиру тармим дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят тақрибан 95 фоиз иҷро гардидааст.

Ин нишондиҳанда аз сатҳи баланди омодагӣ дарак медиҳад.

Яке аз масъалаҳои муҳим омодагӣ ба зимистонгузаронӣ мебошад. Тибқи маълумоти раёсати маорифи вилояти Суғд, барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар даврai тирамоҳу зимистони имсола қарорҳои дахлдор қабул гардида, корҳои назаррас ба иҷро расиданд. Дар муассисаҳои таълимии вилоят дар даврai тирамоҳу зимистони соли гузашта 840,55 тонна ангишт ва 545,38 метри мукааб ҳезум боқӣ монда буд. Дар муассисаҳои соҳаи маорифи вилоят дар мавсими зимистонгузаронии солҳои 2026-2027 17 611 тонна ангишт, 8 ҳазору 483,6 метри мукааб ҳезум ва 7 тоннаю 202 литр сӯзишворӣ ба нақша гирифта шудааст. Бояд қайд кард, ки то 14 августи соли ҷорӣ дар муассисаҳои таълимии вилоят, мавофиқи нақшаи пешбинишуда, 8375 тонна ангишт (47,6%), 6458 метри мукааб ҳезум (76,1%) ва 495 литр сӯзишвории дизелӣ захира карда шудааст. Дар ин самт корбарӣ идома дорад ва то ҷашни Истиқлоли давлатӣ нақшаи зимистонгузаронӣ пурра иҷро карда мешавад.

Бо мақсади санҷиши сатҳи омодагии муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби кормандони раёсати маорифи вилояти Суғд зиёда аз 420 муассисаи таълимӣ мавриди санҷиш қарор гирифтанд.

Дар рафти санҷишҳо ҳолати корҳои таъмирӣ, омодагӣ ба соли нави таҳсил ва зимистонгузаронӣ омӯхта шуда, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дастуру тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардиданд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

578 нафар довталаб ба даври сеюми Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» роҳхат гирифтанд.

ОМОДАГӢ



Ҷиҳати омодагиҳо ба соли нави таҳсил дар муассисаҳои таълимии минтақаи Кӯлоб корҳои таъмирӣ ва ободонӣ вусъати тоза касб кардаанд.

Таъмир дар арафаи анҷомёбист

Бояд қайд кард, ки аз ҳисоби буҷаи шаҳру ноҳияҳо 50 миллиону 475,2 ҳазор сомонӣ барои анҷом додани таъмири ҷории таълимгоҳҳо ҷудо шудааст. Аз ҷумла, дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 750 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, раванди омоданамудани муассисаҳо ба соли нави таҳсил бомаром идома дорад. Дар ин муддат толорҳои варзишӣ ва маҷлисии муассисаҳои таълимии №№4, 5, 7, 23, 34, 52, 54 ва боми биноҳои МТМУ №№7, 18, 29, 31, 54 ва кӯдакистонҳои №3 ва №4 аз таъмиру тармим бароварда шудаанд. Ошхона барои 30 ҷойи нишаст дар назди МТМУ №49, иваз намудани 42 адад тиреза дар МТМУ №33 ва №20 низ аз зумраи раванди корҳои омодагӣ ба шумор меравад. Инчунин, муассисаи томактабии №1 аз ҳисоби Лоиҳаи «Инкишофи барвақтии кӯдакон барои рушди сармояи инсонӣ» ва дар 29 муассисаи таълимӣ 60 синфхона ба таъмири пурра фаро гирифта шудаанд.

Дар ҳамин замина, ҷиҳати иҷрои таъмири ҷории муассисаҳои таълимии шаҳри Кӯлоб аз буҷаи МИҲД шаҳр 685 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст. Дар муассисаҳои таълимии №№7, 25, 40 таъмир бо суръат идома дорад. Ба гуфтаи Парвина Саидова, директори муассисаи таълимии №7, бо дастгирии мақомоти маҳаллӣ, ҳамчунин, саҳми соҳибкорону собиқ хатмкунандагон корҳои рангубор дар синфхонаҳо ва ҳуҷраҳои корӣ пурра анҷом ёфта, таъмири қисмати беруни бино давом дорад.

Бо кумаку дастгирии Вазорати маориф ва илм якҷо бо шарикони рушд муассисаи таълимии №9 низ пурра таъмир гардид.

Тибқи нақша, барои таъмири муассисаҳои таълимии ноҳияи Темурмалик 386 ҳазору 364 сомонӣ пешбинӣ шудааст. Алҳол таъмир дар аксари мактабҳо, аз ҷумла, таълимгоҳҳои №№2, 3, 18 ва гимназияи давлатӣ ҷараён дорад.

Худодод ИСЛОМ,
«Омӯзгор»

ХАТЛОН: 341 ИНШООТИ СОҲАИ МАОРИФ БА ИСТИФОДА ДОДА МЕШАВАД

Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 341 иншооти соҳаи маориф ба истифода дода мешавад.

Тавре сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Зиёдулло Абдулзода иттилоъ дод, иншоот аз 2894 синфхона барои 69 ҳазору 456 ҷойи нишаст дар як баст ва барои 1 миллиону 389 ҳазору 12 ҷойи нишаст дар ду баст иборат мебошанд.

Аз шумораи умумии иншооти бақайдгирифта 122 иншоотро биноҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ, 96 иншоотро синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ, 36 иншоотро муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии нав, 36 иншоотро муассисаҳои таҳсилоти томактабии нав, 39 иншоотро марказҳои инкишофи барвақтии кӯдак, 2 иншоотро филиали муассисаи таълимӣ, 3 иншоотро бинои маъмурии шуъбаи маориф ташкил медиҳад. Ҳамзамон, 6 муассисаи таълимӣ пурра таъмир ва 1 муассисаи таълимӣ навсозӣ карда мешавад.

Аз шумораи умумии ин иншоот 61 иншоот бо маблағҳои буҷети давлатӣ (411 миллиону 151 ҳазор сомонӣ), 159 иншоот бо маблағгузории кумитаи падару модарон дар якҷоягӣ бо соҳибкорони маҳаллию ватанӣ (334 миллиону 92 ҳазор сомонӣ) ва 121 иншоот бо маблағгузории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо шарикони рушд (468 миллиону 445 ҳазор сомонӣ) сохта мешаванд.

Ба ҳолати 20 июли соли 2026 дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 50 иншооти соҳаи маориф, иборат аз 210 синфхона барои 5040 ҷойи нишаст дар як баст ва барои 100 ҳазору 80 ҷойи нишаст дар ду баст сохта шудаанд.

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Машғулияти бисту панҷум (синфҳои 8-9)


ИФОДАҲОИ ИРРАТСИОНАЛӢ

Масъалаи 116. $\frac{9}{5}(a+b)$-ро ёбед, агар $\begin{cases}a\sqrt{a}+b\sqrt{b}=183,\\ a\sqrt{b}+b\sqrt{a}=182\end{cases}$ ва $a,\ b \in R$ бошад.

Масъалаи 117. Ифодаро сода кунед: $A=(x^2-x+1):\sqrt{\left(x^2+\frac{1}{x^2}\right)^2+2\left(x+\frac{1}{x}\right)^2-3}$.

Масъалаи 118. Қимати ифодаро ҳангоми $x \le 2$ будан ёбед: $A=\sqrt{x+2\sqrt{x-1}}+\sqrt{x-2\sqrt{x-1}}$.

Масъалаи 119. Сода кунед: $A=x+1+\sqrt{x^2+10x+25}-\sqrt{x^2-6x+9}$.



ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

116. Ҳал. Системаи муодилаҳоро бо ёрии методи дохил намудани тағйирёбандаи нав табдил медиҳем: $\begin{cases}\sqrt{a}=x,\\ \sqrt{b}=y.\end{cases}$ ё ки $\begin{cases}a=x^2,\\ b=y^2.\end{cases}$

Қиматҳои ҳосилшударо ба системаи муодилаҳои матлуб мегузорем:

$\begin{cases}x^2\cdot x+y^2\cdot y=183,\\ x^2\cdot y+y^2\cdot x=182;\end{cases}$ $\begin{cases}x^3+y^3=183,\\ x^2\cdot y+xy^2=182.\end{cases}$

Ҳар ду тарафи муодилаи дуюми системаи муодилаҳои охиронро ба 3 зарб мекунем:

$\begin{cases}x^3+y^3=183,\\ 3x^2y+3xy^2=546.\end{cases}$

Муодилаҳои якум ва дуюми системаи ҳосилшударо ҷамъ мекунем:

$\begin{cases}x^3+3x^2y+3xy^2+y^3=183+546,\\ x^2y+xy^2=182;\end{cases}$ $\begin{cases}(x+y)^3=729,\\ xy(x+y)^3=182;\end{cases}$

$\begin{cases}x+y=9,\\ xy(x+y)=182;\end{cases}$ $\begin{cases}x+y=9,\\ xy\cdot 9=182;\end{cases}$ $\begin{cases}(x+y)^2=9^2,\\ xy=\frac{182}{9};\end{cases}$

$\begin{cases}x^2+2xy+y^2=81,\\ xy=\frac{182}{9};\end{cases}$ $\begin{cases}x^2+2\cdot\frac{182}{9}+y^2=81,\\ xy=\frac{182}{9};\end{cases}$

Аз муодилаи якум x^2+y^2-ро меёбем: $x^2+y^2=81-\frac{364}{9}$ ё ки $x^2+y^2=\frac{365}{9}$.

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ бармегардем: $a+b=\frac{365}{9}$.

Ҳар ду тарафи муодилаи мазкурро ба $\frac{9}{5}$ зарб карда, онро сода мекунем:

$(a+b)\cdot\frac{9}{5}=\frac{365}{9}\cdot\frac{9}{5}$ ё ки $\frac{9}{5}(a+b)=73$.

Ҷавоб: 73.

117. Ҳал. Ифодаи зери решаро бо дохил намудани тағйирёбандаи нави $x+\frac{1}{x}=t$ сода мекунем: Ҳар ду тарафи ифодаи $x+\frac{1}{x}=t$-ро ба квадрат мебардорем:

$$x^2+2+\frac{1}{x^2}=t^2;\quad x^2+\frac{1}{x^2}=t^2-2.$$

Пас, $\sqrt{\left(x^2+\frac{1}{x^2}\right)^2+2\left(x+\frac{1}{x}\right)^2-3}=\sqrt{(t^2+2)^2+2t^2-3}=$

$=\sqrt{(t^4-4t^2+4+2t^2-3}=\sqrt{t^4+2t^2+1}=\sqrt{(t^2-1^2)}=|t^2-1|$ мешавад.

Аз $x^2+\frac{1}{x^2}=t^2-2$ бар меояд, ки $t^2-1=x^2+\frac{1}{x^2}+1>0$ аст.

Аз ин рӯ, $A=(x^2-x+1):|t^2-1|=(x^2-x+1):|x^2+\frac{1}{x^2}+1|=$

$=(x^2-x+1):\frac{x^2+x^2+1}{x^2}=(x^2-x+1):\left(x^2+\frac{1}{x^2}+1\right)=$

$=(x^2-x+1)\cdot\frac{x^2}{x^4+x^2+1}=\frac{(x^2-x^2+1)}{(x^2+1)^2-x^2}=$

$=\frac{(x^2-x^2+1)\,x^2}{(x^2+1+x)\,(x^2+1-x)}=\frac{x^2}{x^2+x+1}$ аст.

Ҷавоб: $\frac{x^2}{x^2+x+1}$.

118. Ҳал. СҚР: $x-1\ge 0$ ё ки $x\ge 1$.

Аз ин рӯ, СҚР $1\le x\le 2$ мешавад. Зери ифодаҳои ирратсионалиро бо методи гурӯҳбандӣ ба квадрати пурра табдил медиҳем:

$A=\sqrt{x-1+2\cdot\sqrt{x-1}\cdot 1+1}+\sqrt{x-1-2\cdot\sqrt{x-1}\cdot 1+1}=$

$=\sqrt{(\sqrt{x-1})^2+2\cdot\sqrt{x-1}\cdot 1+1}+$

$+\sqrt{(\sqrt{x-1})^2-2\cdot\sqrt{x-1}\cdot 1+1}=$

$\sqrt{(\sqrt{x-1}+1)^2}+\sqrt{(\sqrt{x-1}-1)^2}=\sqrt{x-1}+1+|\sqrt{x-1}-1|=$

Дар ин ҷо $|\sqrt{x-1}-1|=-(\sqrt{x-1}-1)=1-\sqrt{x-1}$ аст, чунки мувофиқи шарти масъала $x\le 2$ буда, аз ин рӯ, $\sqrt{x-1}-1\le 0$ мешавад.

$\sqrt{x-1}+1+(1-\sqrt{x-1})=2$.

Ҷавоб: 2, ҳангоми $1\le x\le 2$ будан.

119. Ҳал. Ифодаҳои зери решаи квадратиро ба намуди квадрати пурра менависем:

$A=x+1+\sqrt{(x+5)^2}-\sqrt{(x-3)^2}=x+1+|x+5|-|x-3|$.

Нуқтаҳои нулии ифодаҳои зери модулро меёбем:

а) $x+5=0$; $x=-5$;

б) $x-3=0$ ё ки $x=3$.

Қиматҳои x тири ададиро ба се фосилаҳои $(-\infty;-5)$, $(-5;3)$ ва $(3;+\infty)$ тақсим мекунад.

Барои муайян кардани аломатҳои ифодаҳои зери модул дар фосилаҳои муайянкардашуда ҷадвали зеринро тартиб медиҳем:

ИФОДАҲОИ ЗЕРИ МОДУЛҲО	АЛОМАТ ДАР ФОСИЛАҲО		
	$(-\infty;-5)$	$(-5;3)$	$(3;+\infty)$
$x+5$	–	+	+
$x-3$	–	–	+
Нули ифодаҳо:		-5 3	

а) агар $x<-5$ бошад, он гоҳ $A=x+1-(x+5)-(-(x-3))=x+1-x-5+x-3=x-7$ мешавад;

б) агар $-5\le x<3$ бошад, он гоҳ $A=x+1+(x+5)-(-(x-3))=x+1+x+5+x-3=3x+3$ мешавад;

в) агар $x\ge 3$ бошад, он гоҳ $A=x+1+(x+5)-(x-3)=x+1+x+5-x+3=x+9$ мешавад.

Ҷавоб: $\begin{cases}x-7, \textit{ агар } x<-5 \text{ бошад},\\ 3x+3, \textit{ агар } -5\le x<3 \text{ бошад},\\ x+9, \textit{ агар } x\ge 3 \text{ бошад}.\end{cases}$

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

МУЛОҲИЗА

ТАФАККУРИ КӮДАКОНРО РУШД ДИҲЕМ

Рушди равонӣ ва зеҳнии кӯдак равандест, ки бо таъсири оила, мактаб ва ҷомеа алоқаи ногусастанӣ дошта, дар инкишофи минбаъдаи насли наврасу ҷавон заминаи калидӣ мегузорад. Фаҳмиши моҳияти иҷтимоии рушди равонӣ имкон медиҳад, ки омӯзиш ҳамчун воситаи ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак барҷаста гардад.

Раванди рушди кӯдак дар ҷараёни таълим, пеш аз ҳама, ба мундариҷа ва мураккабии донишҳо, инчунин, ба хусусиятҳои фаъолияти омӯзишӣ вобаста мебошад. Тадқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки бо тағйир додани мундариҷаи таълим, усулҳо ва роҳҳои кор, метавон сатҳ ва самти рушди зеҳнӣ ва равонии кӯдаконро ба таври назаррас дигаргун сохт. Ин ҳолат барои низоми маорифи Тоҷикистон аҳаммияти амалӣ дорад, зеро ислоҳоти соҳа ба навсозии мундариҷа ва усулҳои таълим нигаронида шудааст.

Тавассути ворид намудани усулҳои махсуси таълим ва воситаҳои дидактикӣ, кӯдакон метавонанд қобилияти мантиқӣ ва тафаккуриро дар синни барвақттар инкишоф диҳанд.

Азхудкунии мафҳумҳои илмӣ дар синни хурдсолӣ рушди тафаккури кӯдакро такмил медиҳад. Кӯдак на танҳо ҳалли масъалаҳои алоҳидаро меомӯзад, балки усулҳои умумии фикрронӣ ва ҳаллу фасли мушкилотро аз худ мекунад.

Меҳрона ОЛИМОВА,
омӯзгори МТМУ №45-и ноҳияи Рудакӣ

Дар шашмоҳаи якуми соли 2026 дар ВМКБ 25 корхонаю коргоҳи истеҳсолӣ ба истифода дода шуд.

Ба омӯхтан чун фурӯтан шавӣ,
Суханҳои донандагон бишнавӣ.
Абулқосими Фирдавсӣ

МАШВАРАТИ АВГУСТИИ ОМӮЗГОРОН

Худомӯзии муаллим - тақозои замон

Тараққиёти бемайлони илму техника, инкишофи зеҳни сунъӣ ва ба миён омадани усулҳои фаъоли таълим муаллимонро водор менамоянд, ки пайваста омӯзанд, мунтазам донишу маҳорати худро баланд бардоранд, ҳамқадами замон бошанд ва аз илмҳои муосир огаҳӣ пайдо кунанд. Аз ин рӯ, замона талаб мекунад, ки муаллим дар доираи фанни худ маҳдуд нашуда, бояд пайваста омӯзад, эҷодкору ҷӯянда бошад, тарзи истифодаи таҷҳизоти техникии таълимро донад. Педагоги ҳамадону омӯзгори соҳибфарҳанг мунтазам аз пайи такмил додани донишҳои назариявӣ ва методии худ аст, аз ин рӯ, дарси вай ҳамеша дар сатҳи баланду диққатҷалбкунанда мегузарад.

Гуфтору рафтори ҳамида, фаҳмишу дониши мукаммал, аз методика ва психологияи муосир бохабар будан обрӯйю эътибори муаллимро дар байни аҳолӣ бештару беҳтар намуда, меҳру муҳаббат ва эҳтироми ӯро дар байни шогирдону волидайни онҳо даҳчанд афзун менамояд. Аз ин ҷиҳат, муаллим бояд пайваста худомӯзӣ кунад, маҳорати касбиашро рушд диҳад ва донишу таҷрибаи андӯхтаашро дар амал моҳирона истифода бурда тавонад.

Донишу маҳорати омӯзгор ва таҷрибаи ҳаётии вай шахсияти насли навро ташаккул медиҳад. Онҳоро ба ҳаёт ва зиндагӣ омода менамояд. Бо дарназардошти ҳамаи ин, худомӯзӣ яке аз омилҳои муҳим ва асосии кори омӯзгор ба шумор меравад. Барои ин омӯзгор бояд омӯзад, маҳорати касбиашро сайқал диҳад, сатҳу сифати дониши шогирдонашро баланд бардорад, онҳоро ба эҷодкорӣ ҳидоят намояд. Чунин омӯзгори ихтироъкору навовар бо фаъолияти эҷодии худ, маҳорату истеъдод ва меҳнати содиқонааш ба коллективи корӣ таъсири мусбат мерасонад. Маъмурият бояд чунин омӯзгоронро дастгирӣ карда, меҳнати софдилонаю босамари онҳоро қадр намояд. Аз рафтору ахлоқи хонанда, дониш, маҳорату малака ва иштироки онҳо дар озмуну олимпиадаҳо ба ҳунару маҳорати касбии омӯзгор баҳо додан мумкин аст.



Мушоҳидаҳо собит менамоянд, мутаассифона, дар баъзе муассисаҳои таълимӣ омӯзгороне низ дида мешаванд, ки шавқу хоҳиш ба худомӯзӣ надоранд. Ҷиҳати рушди касбии худ кӯшиши камтар ба харҷ медиҳад. Дарси чунин омӯзгорон дилгиркунандаю якрангу якнавохт мегузарад. Аз иҷрои вазифаҳои дар наздашон гузошташуда ба хубӣ намебароянд. Шогирдонашон дониши казоӣ надоранд, зеро ҳамин камсаводию беҳавсалагии омӯзгор ба шогирдонаш таъсири манфӣ мерасонад.

Барои ҳамин ҳам, педагоги бузурги рус К. Д. Ушинский ба маҳорати педагогӣ ва худомӯзии муаллим баҳои баланд дода, чунин гуфтааст: «Муаллим то даме ки ҳаёт аст, мехонад, ҳамин ки хонданро бас кард, бо ҳамин симои муаллимии ӯ низ барҳам мехӯрад».

Тавсия медиҳем, омӯзгор, вақте ки ин ё он мақола, адабиёти илмӣ, методӣ, оммавӣ ва бадеиро мутолиа мекунад, бояд ҷойҳои зарурии онҳоро дар дафтари махсуси худомӯзии худ ба тариқи зайл қайд кунад: муаллифи мақола ё дастури таълимӣ-методӣ, унвони мақолаи методӣ, илмӣ, психологӣ ё асари бадеӣ, санаи чопшуда ва номи нашрия. Инчунин, ҷойҳои зарурии адабиёти хондаашро чун иқтибос қайд карда гирад, албатта, бо нишон додани саҳифаи он, зеро ҳангоми навиштани мақола, дастур, маърӯза ва реферат ё дар рафти дарс вобаста ба мавзуъ метавонад аз қайдҳои худ истифода барад.

Барои самаранок гардидани фаъолияти худомӯзӣ омӯзгор бояд нақшаи худомӯзии худро дошта бошад, ки аз чор қисм иборат аст: нақшаи вай, мақсади мушаххаси омӯзиши мавзуъ дар асоси адабиёти тавсияшуда, мазмуни мухтасари кор ё шакли иҷро ва татбиқи натиҷаи омӯзиш.

Боварӣ дорем, ки фаъолияти худомӯзии омӯзгоронро бо чунин тарз ба нақша гирифтану ба роҳ мондан натиҷаи дилхоҳ дода, дар рушди ҷаҳонбинию маҳорати педагогии онҳо, баланд гардидани сатҳу сифати таҳсилот нақши муассир гузошта метавонад.

Б. ҲАЙДАРОВ,
сармутахассиси МҶТМ

Роҳҳои фаъол сохтани хонандагон дар дарси забони англисӣ

Омӯзиши забони хориҷӣ аз хонанда тамаркузи доимии диққатро талаб мекунад. Дар як дарс ӯ ҳамзамон нутқи англисиро мешунавад, матн мехонад, вожаҳои навро ба хотир меорад, ҷумла месозад, ба тарзи талаффуз диққат медиҳад ва супоришҳои хаттиро иҷро мекунад. Чунин фаъолияти зеҳнӣ хотира, тафаккур, шунавоӣ ва маҳорати нутқро якбора фаъол месозад. Агар ин фаъолият муддати дароз бидуни тағйир идома ёбад, қобилияти кории мағзи сар тадриҷан коҳиш меёбад.

Тадқиқоти равоншиносон нишон медиҳанд, ки пас аз понздаҳ то бист дақиқа фаъолияти пуршиддати зеҳнӣ қобилияти диққати аксари хонандагон паст мешавад. Дар чунин ҳолат бисёр омӯзгорон кӯшиш мекунанд, ки ҳарчи зудтар шарҳи мавзуъро ба анҷом расонанд, вале таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки дар ҳамин лаҳза иваз намудани намуди фаъолият самараи бештар медиҳад. Танҳо 2-3 дақиқаи фаъолияти дигаргуна метавонад диққати хонандагонро дубора фаъол гардонад ва барои идомаи дарси пурсамар замина фароҳам оварад.

Чунин таваққуфро набояд танаффуси маъмулӣ шуморид. Он қисми ҷудонашавандаи раванди таълим аст. Агар машқ дуруст интихоб шуда бошад, маҳорати забонӣ инкишоф, шиддати равонӣ коҳиш меёбад ва муҳити мусбати омӯзиш ба вуҷуд меояд. Аз ҳамин сабаб, дар методикаи муосири таълими забонҳои хориҷӣ истифодаи машқҳои кӯтоҳи фаъолкунанда, ки онҳоро дар адабиёти методӣ «энерҷайзерҳо» (energizers) меноманд, тавсия дода мешавад.

Зимни баргузории машқҳо ҳар як ҳаракат бояд бо истифодаи забони англисӣ сурат гирад. Дар ин ҳолат, хонандагон омӯзиши забонро идома медиҳанд, ҳарчанд фаъолияти онҳо шакли бозӣ ва ҳаракатро касб мекунад.

Машқи «Touch and say»
(«Даст расон ва бигӯ»)

Яке аз роҳҳои зуд фаъол сохтани хонандагон машқи «Touch and say» мебошад.

Омӯзгор бо суръати нисбатан тез фармонҳоро ба забони англисӣ мегӯяд:

Touch something red.
Touch your book.
Touch the window.
Touch something made of wood.
Touch something round.

Хонандагон дар ҷойи худ ё бо як-ду қадам гузоштан фармонро иҷро мекунанд. Пас аз он омӯзгор аз чанд нафар мепурсад:

What did you touch?

Хонандагон бо ҷумлаҳои кӯтоҳ ҷавоб медиҳанд:

I touched my book.
I touched the window.

Ин машқ ҳамагӣ як-ду дақиқа вақт мегирад. Дар ҳамин муддат диққати хонандагон фаъол мегардад ва ҳамзамон, луғатҳои вобаста ба мавзуъ, дарки нутқи шунидашуда ва истифодаи замони гузашта (Past simple) такрор мешавад.

Машқи «Repeat if it is true»
(«Агар дуруст бошад, такрор кун»)

Ин машқ барои фаъол намудани диққат ва рушди малакаи шунавоӣ мувофиқ аст.

Омӯзгор ҷумлаҳои кӯтоҳро ба забони англисӣ мехонад. Агар ҷумла дуруст бошад, хонандагон онро якҷо такрор мекунанд. Агар ҷумла нодуруст бошад, бояд хомӯш монанд.

Масалан:

Winter is cold. ✕
Cats can fly. ✕
The sun is hot. ✓
Fish live in trees. ✕
Monday comes after Sunday. ✓

Барои синфҳои болоӣ метавон ҷумлаҳоро ба мавзуи дарс мутобиқ намуд. Масалан, ҳангоми омӯзиши грамматика:

She goes to school every day. ✓
He don't like apples. ✕

Ин машқ аз як дақиқа зиёд вақтро намегирад, вале диққати хонандагонро фавран ҷалб мекунад. Онҳо маҷбур мешаванд ҳар ҷумларо бодиққат бишнаванд, мазмуни онро таҳлил намоянд ва танҳо баъд вокуниш нишон диҳанд. Ҳамин тавр, ҳам малакаи шунидан, ҳам донишҳои луғавию грамматикӣ ва ҳам суръати фикрронӣ тақвият меёбад.

Албатта, имконоти омӯзгор танҳо бо ҳамин ду машқ маҳдуд намешаванд. Ҳар гуна супориш метавонад воситаи рафъи хастагӣ гардад, агар он ба иваз намудани шакли фаъолият, иштироки фаъолонаи хонандагон ва истифодаи забони англисӣ асос ёфта бошад. Мутолиаро метавон бо гуфтугӯ, корҳои хаттиро бо фаъолияти ҷуфтӣ ва шарҳи мавзуи навро бо унсурҳои бозӣ иваз намуд. Чунин тарзи ташкили дарс имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳи хонандагон то анҷоми он нигоҳ дошта шавад.

Замира АЛИЕВА,
омӯзгори забони англисии
МТМУ №7-и шаҳри Кӯлоб

БА ТАВАҶҶУҲИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ИСТАРАВШАН

ТАЪЛИМГОҲ БА ТАЪМИР НИЁЗ ДОРАД

Муассисаи таълимии №24 аз ду ошёна ва 20 синфхонаи таълимӣ иборат буда, яке аз муассисаҳои калонтарин дар ҳудуди шаҳри Истаравшан ба ҳисоб меравад. Яке аз мушкилоти муассиса ин аст, ки он ба таъмиру тармими куллӣ ниёз дошта, вазъи синфхонаҳо хароб буда, ба талабот ҷавобгӯй нест. Асбобҳои кабинетҳои физика, химия, биология, география, математика корношоям мебошанд. Дар синфхонаҳои мазкур гузаронидани корҳои озмоишӣ ва амалӣ ғайриимкон мебошад, зеро аксари васоиту лавозимот ва асбобу ашёи синфхонаҳо фарсудаву куҳна ва ҳатто аз байн рафтаанд. Ҳамзамон, мизу курсиҳои аксари синфхонаҳои таълимӣ қобили истифода нестанд. Бояд гуфт, ки бо дастгирии мардуми саховатманди диёр дар қисми зиёди синфхонаҳо тирезаҳои пластикӣ насб шудаанд, вале бо вуҷуди ин, дар зимистон ҳавои онҳо бениҳоят хунук мешавад.

Дар ҳар як синфхона бухориҳои аловӣ мавҷуд бошад ҳам, аммо ба таври бояду шояд бо гармӣ таъмин намегарданд. Омӯзгорон ва хонандагони таълимгоҳ бо сабаби вазъи мазкур мушкилӣ мекашанд. Инчунин, муассиса ба барқи доимӣ ниёз дорад. Илова бар ин, вазъи майдончаҳои варзишиву ҳарбӣ, гармхона, анбори нигоҳдории ҳезуму ангишт, роҳравҳои дохили муассиса хароб ва ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ нест.

Чанд маротиба дар хусуси ба таъмиру тармими куллӣ ниёз доштани муассисаи таълимӣ ба роҳбарони мақомоти дахлдори ноҳия мурочиат карда будем, вале то ҳол ин масъала ҳаллу фасли худро пайдо накардааст.

Шерзод КОМИЛӢ,
омӯзгори МТМУ №24-и
шаҳри Истаравшан

Дар нахустин Форуми маъданҳои муҳимми Тоҷикистону Корея дар Сеул иқтидори маъдании Тоҷикистон муаррифӣ гардид.

СИМО

МИЁНИ ӮВУ КОРМАНДОН ДЕВОР НАБУД

Соли 2016 буд. Ҳайати Тоҷикистон барои иштирок дар Анҷумани омӯзгорони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Федератсияи Россия сафар дошт. Тақрибан ҳаждаҳ нафар будем – одамони синну соли гуногун, соҳиби вазифаву масъулияти гуногун ва табиист, ки ҳар кадом бо хуву хислати худ. Сафарҳои корӣ, махсусан, вақте ҳайат сершумор аст, барои роҳбари гурӯҳ ҳамеша ташвишҳои худро дорад: касе бояд дер намонад, ҳуҷҷати нафаре мушкил пайдо накунад, ҳама сари вақт ба макони чорабинӣ расанд, барномаи сафар дуруст ичро шавад ва дар баробари ин, ҳар узви ҳайат худро намояндаи як кишвар эҳсос кунад. Дар чунин ҳолатҳо, маъмулан, роҳбари ҳайат бештар ба масъалаҳои расмӣ машғул мешавад ва корҳои рӯзмарраи аъзои гурӯҳ ба зиммаи дигарон вогузор мешавад. Аммо аз он сафар дар хотираи ман як манзараи дигар нақш бастааст: Раҳматулло Мадаюбович Мирбобоев, ки он вақт муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, пайваста аз ҳоли аъзои ҳайат хабар мегирифт. На ба маънои расмии маъмул, ки масъули гурӯҳ шумораи одамонро санҷида, баъд аз пайи кори худ шавад. Мепурсид, ки ҳама хубанд, касе мушкиле надорад, шароити ҷойгиршавӣ чӣ гуна аст, касе ба чизе эҳтиёҷ надорад. Ин пурсишҳо дар тӯли сафар борҳо такрор мешуданд ва аз тарзи гуфтору нигоҳи муовини якуми вазир эҳсос мешуд, ки ӯ, воқеан, мехост бидонад, ки ҳамсафаронаш дар чӣ вазъ қарор доранд.

Солҳое баъд, вақте ки баъзе лаҳзаҳои он сафарро пеши назар меорам, бештар ба ҳамин ҷузъиёти ба зоҳир одӣ таваҷҷуҳ мекунам. Охир, симои инсонро ҳамеша воқеаҳои бузург ошкор намекунанд. Баъзан як пурсиши одӣ, як муносибати беғаразона, тарзу шеваи рӯ овардан ба корманди ҷавон, таваҷҷуҳ ба нафаре, ки дар миёни ҷамъият чандон намоён нест, аз чандин суханронии пуршукӯҳ бештар дар бораи ину он шахсият маълумот медиҳад. Он сафар барои ман яке аз мавридҳое буд, ки хислати Раҳматулло Мадаюбович берун аз дафтари корӣ, ҷаласаҳои расмӣ ва муҳити маъмурӣ боз ҳам равшантар намудор мешуд. Дар ҳайати ҳаждаҳнафара ӯ метавонист танҳо муовини якуми вазир бошад, вале бештар ҳамчун фарди солоре рафтор мекард, ки худро барои оромиву осудагии ҳар нафар масъул медонад. Муносибаташ падарона ва дар айни замон бародарона буд.

Шояд ҳамин хотираи соли 2016 беҳтарин муаррифӣ барои сухан гуфтан дар хусуси шахсияти Раҳматулло Мирбобоев бошад, зеро агар зиндагиномаи расмии ӯро варақ занем, бо роҳи тӯлонӣ ва пурбори як донишманду роҳбари соҳаи маориф рӯ ба рӯ мешавем. Ӯ соли 1977 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намуда, фаъолияти меҳнатиашро аз ассистентии кафедраи иқтисоди сиёсии факултети иқтисодӣ оғоз карда, пасон дар Институти иқтисодиёти Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ таҳсилро дар аспирантура идома дода, солҳои зиёд дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳамчун ассистент, муаллими калон, муовини декан, мудири шуъба ва дар вазифаҳои дигари таълимию илмӣ фаъолият кардааст. Ин роҳи зина ба зина тайшуда тадриҷан ӯро ба вазифаҳои декани факултет, муовини ректор оид ба таълим, ректори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ниҳоят, солҳои 2013-2020 ба мақоми муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон расонд. Аммо агар аз ману дигар кормандони вақти вазорат бипурсанд, ки аз ин ҳама солҳо ва вазифаҳо кадом хусусияти ӯ бештар дар хотираи мо мондааст, эҳтимол, қабл аз ном бурдани ягон мақому унвон аз тарзи муносибаташ бо одамон ёдовар шавем.

Масъала танҳо аз сифатҳои хоксорӣ, хушмуомилагӣ ё дастрас будани як роҳбар ба зердастон иборат нест. Чунин сифатҳоро дар тавсифи бисёр одамон лоиқ медонанд ва азбаски зиёд такрор шудаанд, баъзан моҳияти аслии худро ҳам гум мекунанд. Дар мавриди Раҳматулло Мадаюбович ман хоксориро ҳамчун як сифати зоҳирӣ не, балки ба ҳайси фаҳмишу дарки хоса ва ҷаҳонбинии мукаммал эҳсос мекардам. Барои ӯ мақоми хидматии ҳамсуҳбат меъёри эҳтиром набуд. Дар муносибат бо роҳбаре, ки аз ҷиҳати вазифа бо ӯ дар як сатҳ ё болотар аз он буд ва корманди одие, ки шояд танҳо барои ҳал кардани масъалае ба наздаш медаромад, тағйири чашмрасе дар оҳанги сухан ё шеваи муносибаташ дида намешуд. Ин хусусият, бахусус, дар муҳити идорӣ, арзиши хос дорад, зеро мансаб ба инсон имкони зиёде медиҳад, аммо фарҳанги роҳбарӣ аз он оғоз мешавад, ки соҳиби мансаб чунин имконотро чӣ гуна истифода мебарад.

Солҳои ҳамкорӣ шароите фароҳам омад, ки ин ҷиҳати шахсияти ӯро аз наздик мушоҳида кунам. Зуд-зуд маро назди худ даъват мекард. Гоҳе маълумотномае бояд таҳия мешуд, гоҳи дигар ҳуҷҷате ба таҳлили ҷиддӣ ниёз дошт, баъзан масъалае пеш меомад, ки барои баёни дурусти он бояд чанд манбаъро муқоиса мекардем, рақамҳоро месанҷидем ва матнро борҳо аз назар мегузарондем. Имрӯз барои ман ҷолиб он аст, ки ӯ метавонист супориш диҳад ва баъди чанд соат натиҷаи корро талаб кунад. Мақоми хидматӣ чунин имконотро пурра муҳайё месохт. Аммо дар бисёр маврид Р. Мирбобоев роҳи дигарро интихоб мекард: менишастем ва якҷо кор мекардем. Ӯ масъала мегузошт, андешаашро баён мекард, ба фикри мо гӯш медод, ба ҷузъиёти санад таваҷҷуҳ мекард ва баъзан маълумотномаеро, ки зоҳиран аз чанд саҳифаи одии матн иборат буд, дар ҷараёни ҳамин суҳбату таҳлил баррасӣ менамуд ва он ба як машқи воқеии касбӣ табдил меёфт.

Бояд иқрор шавам, ки баъзе нозукиҳои фаъолияти роҳбариро маҳз дар ҳамин нишастҳо омӯхтаам. На касе ба ман мегуфт, ки ҳоло дарси роҳбарӣ оғоз мешавад ва на Раҳматулло Мадаюбович худро дар мақоми устоде мегузошт, ки мехоҳад ба корманди ҷавон маҳорату қобилияти идоракуниро омӯзонад. Омӯзиш ба таври муқаррарӣ сурат мегирифт. Аз тарзи саволгузорӣ, аз он ки пеш аз хулоса баровардан мехост паҳлуҳои масъала равшан шаванд, аз муносибаташ ба далел, аз эҳтиёткорӣ дар истифодаи рақам, аз таваҷҷуҳаш ба мазмуну моҳияти ҳар санад ва ҳатто аз он ки фикри корманди нисбатан ҷавонро то охир мешунид, чизҳоеро омӯхтан мумкин буд, ки дар китобҳои назариявии санъати роҳбарию шеваи идоракунӣ на ҳамеша бо ҳамин дақиқият пайдо мешаванд. Баъдтар, вақте худ дар муҳити корӣ бо масъалаҳои гуногун рӯ ба рӯ шудам, борҳо ба ин натиҷа расидам, ки таҷрибаи воқеии касбӣ аксаран ҳамин гуна – ором, бидуни эҷлон ва дар ҷараёни ҳамкорӣ аз як насл ба насли дигар мегузарад.

Роҳбаре, ки кормандро ҳамчун иҷрокунандаи супориш мебинад, метавонад натиҷаи муайяну мушаххасро дар раванди кор ба даст орад, вале мактаби вижаро эҷод карда наметавонад. Мактаб дар он муҳите ташаккул меёбад, ки корманд ба раванди фикрронӣ ворид карда мешавад, аз ӯ нуктаи назари хосашро мепурсанд, ба андешааш эҳтиром мегузоранд ва ҳамзамон, масъулиятро талаб мекунанд. Раҳматулло Мадаюбович дар муносибати корӣ чунин хусусият дошт. Ӯ талаб карда метавонист, ба камбудии санад ишора мекард, зарурати ислоҳро мефаҳмонд, аммо ин ҳама, кормандро аз азму талош ва ташаббускорӣ маҳрум намесохт. Баръакс, эҳсос мекардӣ, ки бояд беҳтар андеша кунӣ, дақиқтар нависӣ ва пеш аз пешниҳоди маълумот худ ба дурустии он бовар дошта бошӣ. Дар чунин муҳит масъулият ба тадриҷ ба одати касбӣ табдил меёбад.

Паҳлуи дигаре, ки муносибати моро аз қолаби маъмулии роҳбару корманд берун мебароварад, баъди анҷоми соати корӣ бештар эҳсос мешуд. Ин хотира то имрӯз бароям ҳам ҷолиб асту ҳам азиз. Баъзан кор тӯл мекашид ва баъди анҷоми вақти расмӣ мо танҳо мемондем. Агар ман ҳамоно бо ҳамон лаҳни расмии муносибат бо муовини якуми вазир суҳбат кардан мехостам, ӯ ба ин роҳ намедод. Бо самимияти хоси худ мефаҳмонд, ки соати корӣ анҷом ёфт, муносибати хидматӣ ҳам бояд пушти дари коргоҳ бимонад ва акнун мову ту дӯсту бародарем. Он вақт шояд ин суханро бештар ҳамчун нишонаи самимият қабул мекардам. Имрӯз, баъди гузашти солҳо, дар он маънои амиқтарро мебинам.

Мансаб дар низоми давлатдорӣ зарурат аст. Муносибатҳои хидматӣ низ қоида, интизом ва ҳудуди худро дорад. Роҳбар бояд роҳбар бошад ва корманд вазифаи худро масъулона иҷро кунад. Аммо мушкил аз он оғоз мешавад, ки мансаб аз доираи кор берун омада, ба ҳастии инсон табдил меёбад. Баъзеҳо ба мақом чунон одат мекунанд, ки дигар наметавонанд худро берун аз он тасаввур намоянд. Муносибат бо дӯст, ҳамкор, ҳамсоя ва ҳатто наздикон низ оҳанги маъмурӣ пайдо мекунад. Дар чунин ҳолат вазифа ба деворе миёни инсон ва ҷомеа табдил меёбад. Раҳматулло Мадаюбович ҳадди ақал дар он солҳое, ки ман ӯро аз наздик мешинохтам, тавониста буд байни ин ду фазо марзи солимро нигоҳ дорад. Ҳангоми иҷрои кор масъулияти вазифадориро ҷиддӣ мегирифт, аммо намегузошт, ки вазифа муносибатҳои инсониро фурӯ барад.

Шояд решаи чунин фарҳанги муносибатро дар роҳи тӯлонии омӯзгорию замоне шогирди донишгоҳ буданаи ӯ ҷустуҷӯ кард. Раҳматулло Мирбобоев аз муҳити илм ба роҳбарӣ омадааст. Фаъолияти касбии ӯ аз курсии баланди маъмурӣ оғоз нашудааст. Солҳои ассистентӣ, омӯзгорӣ, таҳсил дар аспирантура, фаъолияти тӯлонӣ дар кафедра ва факултет, баъдан таҷрибаи роҳбарии сохторҳои донишгоҳӣ марҳалаҳое буданд, ки ӯро бо зиндагии воқеии аҳли маориф аз наздик ошно мекарданд. Касе, ки худ дар оғози роҳ ассистент будааст, эҳтимол беҳтар медонад, ки корманди ҷавон ҳангоми ворид шудан ба дафтари кории роҳбар чӣ эҳсос мекунад.

Зиндагиномаи касбии ӯ низ ҳамин муназзамиро дар роҳи иҷрои вазифаҳо нишон медиҳад. Баъди солҳои фаъолияти омӯзгорӣ ва илмӣ, Раҳматулло Мирбобоев солҳои 2006-2008 декани факултети молиявию иқтисодӣ, солҳои 2008-2010 декани факултети иқтисод ва идора ва солҳои 2010-2012 муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Сипас, солҳои 2012-2013 роҳбарии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро ба уҳда гирифт ва аз соли 2013 фаъолияти ҳафтсолаи ӯ дар мақоми муовини якуми вазири маориф ва илм оғоз гардид. Ин марҳала аз он ҷиҳат муҳим аст, ки таҷрибаи роҳбарии мавсуф аз шинохти бевоситаи раванди таълим ва муҳити донишгоҳ ҷудо набуд. Ӯ қабл аз он ки дар сатҳи вазорат ба ҳалли масъалаҳои соҳа машғул шавад, солҳо дар дохили худи низом кор карда буд.

Барои ман, ки дар ҳамон муҳит фаъолият доштам, муносибат бо чунин роҳбар ҷанбаи омӯзишӣ пайдо мекард. Ҳар кас дар зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ устодони расмӣ дорад: касоне, ки ба ӯ дарс гуфтаанд, рисолаашро роҳбарӣ кардаанд, касб омӯхтаанд. Аммо дар баробари ин, устодони дигаре ҳастанд, ки номи онҳо дар ягон ҳуҷҷати донишгоҳу донишкада сабт намешавад. Онҳо бо рафторашон ба дигарон сабақ меомӯзанд. Аз онҳо тарзи нишастан дар ҷаласа, шунидани андешаи мухолиф, муносибат бо зердаст, масъулият дар иҷрои супориш, фарҳанги гуфтугӯ ва ҳатто оҳангу шеваи нигоҳ доштани тавозун миёни ҷиддияти кору самимияти инсонӣ омӯхта мешавад. Дар таҷрибаи кории ман Раҳматулло Мадаюбович аз ҳамин гуна одамон маҳсуб меёбад.

Ҳеҷ гоҳ эҳсос намекардам, ки барои суҳбат бо ӯ бояд аввал мақоми хидматии худро дар зеҳн баркашам. Ӯ миёни одамон аз рӯйи вазифа девор намебардошт. Шояд ҳамин хусусият сабаб мешуд, ки муносибати кормандон бо ӯ бештар бар пояи эътимод шакл гирад. Эътимод бошад, дар муҳити роҳбарӣ омили хеле нозук аст.

Хусусияти дигари ҷолиби роҳи зиндагии Раҳматулло Мирбобоев он аст, ки баъди анҷоми хидмат дар ниҳоди давлатӣ ва фаъолияти роҳбврӣ боз ба муҳити илм ва донишгоҳ баргашт. Солҳои 2020-2022 директори Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони хидмати дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, пасон дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият кард ва ҳоло профессори ҳамин кафедра мебошад. Бозгашти устод ба донишгоҳ маънои рамзӣ дорад. Роҳи касбии ӯ аз донишгоҳ оғоз шуда буд ва баъди таҷрибаи бузурги роҳбарӣ боз ба ҳамон муҳити илму таълим пайваст. Гӯё доираи фаъолияти бардавоми ӯ дубора ба нуқтае расид, ки аз он оғоз гардида буд, аммо ин дафъа бо захираи комилу ғании дигари дониш ва таҷриба.

Раҳматулло Мадаюбович доктори илмҳои иқтисодӣ аст ва фаъолияти илмӣ дар зиндагиномаи ӯ ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунад. Барои шахсе, ки солҳои зиёд ба таҳқиқ ва таълим машғул будааст, бозгашт ба донишгоҳ муҳитест, ки дар он таҷриба ба дониш табдил меёбад ва дониш ба наслҳои оянда интиқол меёбад.

Хидмати тӯлонии Р. Мирбобоев ба таври аҳсан эътироф гардидаву қадрдонӣ шудааст: медали «Хизмати шоиста», Ифтихорномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва нишонҳои «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Аълочии маорифи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил».

Як андеша барои ман, махсусан, дар мавриди муносибатам бо Раҳматулло Мадаюбович аҳаммияти вижаро дорост. Аз замоне ки ӯ дигар муовини якуми вазир нест, чандин сол сипарӣ шуд. Агар робитаи мо танҳо дар доираи вазифа ва хидмати давлатӣ мебуд, бояд бо анҷоми ҳамон давраи корӣ тадриҷан аз байн мерафт. Дигар на ман бояд барои иҷрои супорише назди ӯ дароям ва на ӯ ҳамчун роҳбар аз ман маълумотнома ё таҳлили санаде талаб кунад. Зарурати хидматие вучуд надорад, ки моро водор кунад аз аҳволи ҳамдигар бохабар бошем. Бо вучуди ин, робитаву дӯстии мо бокӣ мондааст. Ҳар иду айём ҳамдигарро табрик мегӯем, гоҳе ба суроғи ҳам меравем, агар муддате хабаре нарасад, аз ҳоли якдигар пурсон мешавем. Ин муносибат барои ман идомаи табиии ҳамон фарҳангест, ки ҳанӯз дар солҳои роҳбарии ӯ шакл гирифта буд.



Шояд маҳз пас аз вазифа ва ба нафақа баромадан чеҳраи воқеии роҳбар дар хотираи кормандон дақиқтар намудор ва нақш бандад. Ҳангоми дар мансабе қарор доштан омилҳои гуногун ба муносибатҳо таъсир мерасонанд. Корманд бояд одоби хидматиро риоя кунад, роҳбарро эҳтиром намояд, супоришҳоро ичро кунад ва талаботи идоравиро нигоҳ дорад. Аз ин рӯ, на ҳар табассумро метавон самимият ва на ҳар эҳтиромро метавон муҳаббат шуморид. Вақте вазифа ба анҷом мерасад, ҳамаи ин омилҳои расмӣ канор мераванд ва танҳо он чизе боқӣ мемонад, ки дар солҳои ҳамкорӣ миёни одамон воқеан ба вучуд омадааст. Агар баъди гузашти солҳо собиқ корманд бо хоҳиши худ ба роҳбари пешин занг занад, аз саломатиаш пурсад, дар идҳо табрикаш кунад ва дидорашро ғанимат шуморад, ин дигар ичрои одоби хидматӣ нест. Ин ҳукми хотираи инсон ва нишонаи баланди одамият аст.

Аз ҳамин нуқтаи назар, муносибати мо барои ман моҳияти махсус дорад. Он собит мекунад, ки ҷумлаи солҳои пешини Раҳматулло Мадаюбович – «соати корӣ тамом шуд, акнун мову ту дӯсту бародарем», сухани лаҳзаинаю муваққатӣ набудааст. Солҳо гузаштанд, соатҳои кории муштараки мо кайҳо анҷом ёфтанд, вазифаҳо дигар шуданд, вале қисми дуюми он сухан ҳанӯз бароям эътибор дорад. Дӯстиву бародарӣ аз муҳлати мансаб дарозтар баромад.

Дар фарҳанги идоракунии мо ба масъалаи мероси маънавии роҳбарон камтар таваҷҷуҳ мешавад. Одатан фаъолияти роҳбар бо нишондиҳандаҳо, нақшаҳо, санадҳо, дастовардҳои сохторӣ ва натиҷаҳои даврааи масъулияташ дар иҷрои вазифа арзёбӣ мегардад. Ин ҳама зарур аст. Аммо ҳар як роҳбар дар баробари натиҷаҳои расмӣ, як мероси ноаён низ боқӣ мегузорад: тарзи муносибат, фазои ахлоқии муҳити кор, эҳсосе, ки кормандон дар назди ӯ доштанд, одатҳои касбие, ки аз ӯ омӯхтанд ва хотирае, ки баъди рафтанаш дар ёдҳо боқӣ мемонад. Ин мерос ҷойе сабт намешавад, вале баъзан аз бисёр нишондиҳандаҳои расмӣ пойдортару дарозумртар аст.

Дар бораи Раҳматулло Мирбобоев навиштан барои ман ба хотири муаррифии собиқ муовини якуми вазир нест. Ман дар бораи шахсияте менависам, ки дар як давраи муайяни фаъолияти касбиам ҳузур дошт ва аз муносибат бо ӯ чизҳое омӯхтам, ки баъдан арзиши он ҳамаро бештар дарк кардам. Дар ҷавонӣ инсон бештар ба вазифа таваҷҷуҳ мекунад, бо гузашти таҷриба бошад, ба одамоне, ки дар он вазифаҳо кор мекарданд. Он вақт мақоми муовини якуми вазир ба назарам бузург менамуд. Имрӯз, вақте ки солҳое аз он давра сипарӣ шудаанд, барои ман ҳамчун инсони комил тағйир наёфтани соҳиби ҳамон мақом муҳимтар менамояд.

Ин аст симои Раҳматулло Мадаюбович Мирбобоев аз нигоҳи ман – донишманде, ки роҳи тӯлонии илмро тай кардааст, роҳбаре, ки масъулиятҳои бузургро ба уҳда доштааст, устоде, ки таҷрибаашро ба дигарон интиқол додааст ва дар баландтарин зинаҳои фаъолияти худ низ муносибати озодро аз даст надодааст. Барои таҷассуми чеҳраи чунин шахсият шояд беҳтарин омил ҳамон робитаест, ки солҳо пас аз анҷоми ҳамкорӣ ҳанӯз побарҷост, зеро баъзе зиндагию фаъолиятҳо аз рӯйи вазифаҳо баҳо дода мешавад, баъзе шахсиятҳо бошанд, дар заминаи тавсифи одамон ба он шахсият.

Раҳматулло Мирбобоев барои ман ба гурӯҳи дуюми инсонҳо тааллуқ дорад. Ҳар боре аз ӯ ёд мекунам, пеш аз ҳама, инсонеро мебинам, ки метавонист дар авҷи масъулияти роҳбарӣ ба корманди ҷавон ҷойи нишаст ва баҳри андеша сабабе пешниҳод кунад, соатҳо ҳамроҳаш болои санад кор кунад, фикрашро бишнавад ва баъди анҷоми рӯзи корӣ тамоми расмиятро канор гузошта, ӯро дӯсту бародари худ шуморад. Боз мегӯям, ки ин гуна муносибат дар ягон маълумотномаи шахсӣ сабт намешавад, вале маҳз ҳамин гуна чузъиёт маълумотномаи ҳақиқии инсонро бозгӯӣ мекунад-маълумотномае, ки дар рӯйи коғаз нест, муҳр надорад ва дар бойгонии ягон идора нигоҳ дошта намешавад ва танҳо он дар хотираи одамон маҳфуз хоҳад монд.

Ва агар арзиши зиндагии касбиро рӯзе аз рӯйи ҳамин маълумотномаи нонавишта бисанҷанд, фикр мекунам, номи Раҳматулло Мадаюбович Мирбобоев дар он бо як сифати бисёр сода, вале хеле гаронбаҳо сабт хоҳад шуд: ӯ дар ҳама мақому мартабае, ки дошт, пеш аз ҳама,ба маънои комил инсон монд.

Э. ХУШБАХТ

Дар шаш моҳ беш аз 930 ҳазор сайёҳи дохилию хориҷӣ мавзеъҳои сайёҳии Хатлонро тамошо намуданд.

Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,
Аз омӯхтан як замон нағнавӣ.
Абулқосими Фирдавсӣ

БА ОЗМУНИ «УЛУҒЗОДА – ТАБЛИҒГАРИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ»

«МАРО ТЕЗТАР БА ТОҶИКИСТОН БАРЕД!»

Чӣ қадар фишурда, вале воқеъбинонаву ҳикматбор гуфтааст яке аз доншимандони маъруфи Аврупо Фома Аквинский дар тавсифи таърихи кишварҳо: «Саргузашти ҳақиқии ҳар халқе, пеш аз ҳама, дар симо ва сарнавишти абармардони адаб ва илму фарҳангаш таҷассум меёбад».

Воқеан, магар бидуни зикри номи фарзандони бузурги халқи тоҷик (аз Рӯдакию Фирдавсию Хайёму Сино то ба Абумаҳмуди Хуҷандию Аҳмади Дониш) ва тавзеҳи осори онҳо метавон таърихи комили ин халқро офарид?! Дар асри бист низ таърихи халқи тоҷик омезише бо сарнавишти фарзонафарзандонаш доштааст. Устод Садриддин Айнӣ аз зумраи онҳост ва «Ёддоштҳо»-и ӯ таърихи миллатро дар сатҳи баланд ва бо камоли истеъдод таҷассум месозад. Ба ин мазмун, шоири шаҳири миллат Бозор Собир фармуда:

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.

Нависандаи халқии Тоҷикистон, устод Сотим Улуғзода, ки аз пайравону шогирдони сазовортарини устод Айнӣ буд, мактаби эҷодии устоди бузурги хешро сарбаландона нигоҳ дошт, ки ин худ ҷасорат ва матонати хосса мехоҳад. Ӯ ҳамеша ба ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ, ки аз ниёгон ба мерос мондаанд, ба ҳифзи забони модарӣ ва ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаъну шарафи ӯ бо тамоми қувва ва имконоте, ки дошт, мубориза бурдааст. Ӯ ҳамеша ба ҳақиқат ва адолат ҷонибдорӣ кардааст ва ҳеҷ гоҳ аз ин роҳ наметофт. Ҳатто дар замоне, ки ҳаёти худ ва оилаашро хатар таҳдид мекард, ӯ ба ҳақиқат ва адолат хиёнат накард.

Ҳодисаи дигар ин даъватро барои адиб тақвият бахшид. Соли 1934 дар шаҳри Душанбе ба ифтихори ҳазорсолагии Абулқосими Фирдавсӣ дар заминаи Анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон маҳфили «Шоҳномахонӣ» баргузор мешавад. Дар он устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ «Шоҳнома»-ро тафсир бахшида, ба таври хеле муассир аз ин асари бузург пораҳо мехонанд, дигарон низ суханони пурҷозиба ва шӯрангез мегӯянд. Устод Улуғзодаи он вақт ҳамагӣ бисту сесола аз ин суҳбат хеле мутаассир мешавад, ба «Шоҳнома»-ю Фирдавсӣ дил мебандад ва дарзамон аз пайи дарёфту мутолиаи ин асари безавол мешавад. Ба ин гуна, «Шоҳнома» барои устод Улуғзода сарчашмаи эҷоду омӯзиш, ҳидоятгар барои гаравиш ба ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ мегардад. Чунин ба мушоҳида мерасад, ки ӯ тамоми умр фориғ аз омӯзиши «Шоҳнома» набудааст ва агар соли 1934 бори аввал ин шоҳасарро ба даст гирифта бошад, соли 1985 охирин маҳсули қаламаш – романи «Фирдавсӣ»-ро пешкаши хонандагон намуд. Ба ибораи дигар, устод бо «Шоҳнома» оғози фаъолияти адабӣ кард ва марбут ба ҳамин шоҳкории дунёи адаб фаъолияти адабиашро як навъ хотима бахшид. Ба «Шоҳнома» гаравида, худ шоҳкорие дар олами адаб (романи «Фирдавсӣ») ба вуҷуд овард.

«Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ асари ифтихории халқи тоҷик аст, тоҷиконро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ мекунад. Ин шоҳасар таҷассумгари саргузашти печидаву шарафмандона ва гоҳе фочеавии халқи тоҷик аст ва қаҳрамонони мусбати он ифтихори ин халқи адабпарваранд. Дар «Шоҳнома» тарғиби меҳр ба Ватан, дӯстиву рафоқат, далерию шуҷоат, садоқату вафодорӣ ва хирадгустарӣ мавқеи меҳварӣ дорад. Устод Улуғзода таманнои онро дошт, ки ин ҳама хислатҳои неку барҷаста дар тинату дар хуну рӯҳи халқи азизаш устувору бардавом бимонад. Ормонҳои миллии устод тавассути «Шоҳнома» таҷаллӣ ёфтанд. Устод худ тамоми умр бо Фирдавсиву «Шоҳнома»-и ӯ буд ва мехост, ки ин шоҳкори ҷаҳонӣ дастури фаъолияти ватандӯстонаи ҳар фарзанди тоҷик бошад. Аз ин рӯ, «Шоҳнома»-ро ба наср ба таври ихчаму саҳеҳу ҳамафаҳм бозгӯй кард ва романи мондагори «Фирдавсӣ»-ро офарид.

Фаъолияти адабии устод куллан бо фарзандони накуному қаҳрамони миллат пайванд буд ва ӯ ба василаи тасвири муассири корномаи онҳо аҳли миллатро ба ватандӯстиву шарафмандӣ ва пос доштани анъанаҳои неки ниёгон даъват мекард. Романҳои «Восеъ» ва «Фирдавсӣ», қиссаҳои «Ёрони боҳиммат», «Субҳи ҷавонии мо», «Ривояти суғдӣ», филмномаву драмаҳои «Қисмати шоир», «Ҷавонии Ибни Сино», «Шифокори бузург»... «Темурмалик», «Алломаи Адҳам ва дигарон» ... аслан бо ҳамин ҳадафу ният эҷод шудаанд.

Устод Сотим Улуғзода имрӯз барои халқи азизу соҳибистиқлолаш ба рамзи садоқат ба Ватан, ба эҳтиром ба таърихи миллат ва матонату устуворӣ табдил ёфтааст. Ҳамагон бо ифтихор аз ӯ ёд мекунанд, асарҳояшро батакрор рӯйи даст мегиранд, мутолиа менамоянд. Хушбахтона, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ду муҷаллад бо сифати аъло чоп ва дастраси тамоми Тоҷикистониён гардондани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, албатта, боиси шод гаштани рӯҳи устод Улуғзода низ шуд.

Чунин ҳолате ба миён омад, ки устод соли 1992 бо ҳамсараш озими шаҳри Маскав шуд ва он ҷо иқомат ихтиёр кард. Соли 1995 Пешвои миллат ба аёдати нависандаи бузург рафта, бо наздиконаш суҳбат оростанд. Сарвари кишвар бисёр мехостанд, ки устодро ба Душанбе баргардонанд, вале вазъи гарони саломатии устод ба ин ҳеҷ имкон намедод.

Устод Улуғзода, дар ҳолате ки бемории вазнин азияташ медоду неруи хурдтарин ҳаракатро надошту базӯр гап мезад, гоҳ-гоҳ тамоми ғайрату қувваташро ҷамъ оварда, гӯё илтиҷо мекард: «Маро тезтар ба Тоҷикистон баред!». Дар умқи ин хоҳиш як ҷаҳон меҳру муҳаббат, садоқату вафодорӣ нисбат ба Ватан ва халқи худ ниҳон буд, дар вазнинтарин ҳолат низ бо ёди Ватан буд устоди бузурги мо!

Магар садоқату муҳаббат ба Ватан бештар, самимитар аз ин буда метавонад?!

Пас аз маргаш ҷасади устод бо дастури Пешвои миллат ба шаҳри Душанбе овардаву дар гӯристони «Лучоб» ба хок супорида шуд. Яқин, рӯҳи ӯ ором гашту лаззати обу хоки Ватан дигарбора насибаш гардид.

Ҳамакнун моро мебояд, ки «Куллиёт»-и устодро ба чоп расонем, маҳфилҳои «Улуғзодахонӣ» баргузор кунем, романи «Улуғзода»-ро биофарем ва ба як сухан, рӯҳи поки ин абармарди олами адаби халқамонро пайваста пос дорем.

Исмоил ЗАРИФӢ,
адиб ва омӯзгор

Нақши устод Улуғзода дар эҳёи хотираи таърихии миллат



Сотим Улуғзода яке аз чеҳраҳои барҷастаи адабиёти муосири тоҷик мебошад, ки тамоми умри эҷодии худро ба хидмати миллат, фарҳанг ва таърихи тоҷикон бахшидааст. Осори ӯ на танҳо арзиши баланди адабӣ доранд, балки дар ташаккули худшиносии миллӣ, эҳёи хотираи таърихӣ, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ низ нақши бузург гузоштаанд. Маҳз бо ҳамин хидматҳои мондагор Сотим Улуғзода ҳамчун таблиғгари ормонҳои миллӣ дар таърихи адабиёти тоҷик ҷойгоҳи хосса дорад.

Аз солҳои панҷоҳуми асри XX дар эҷодиёти С. Улуғзода марҳалаи нави хеле муҳим оғоз гардид. Ӯ чун идомадиҳандаи роҳи устод Садриддин Айнӣ ба омӯзиш ва тасвири таърихи пурифтихори халқи тоҷик рӯ овард. Дар замоне ки эҳёи хотираи таърихӣ ва бедории худшиносии миллӣ барои ҷомеа аҳаммияти бузург дошт, устод Улуғзода бо офаридани асарҳои таърихӣ мардумро ба шинохти гузашта, эҳтироми шахсиятҳои миллӣ ва дӯст доштани Ватан ҳидоят намуд.

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои осори Улуғзода тарғиби ватандӯстӣ мебошад. Қаҳрамонони асарҳои ӯ шахсоне мебошанд, ки барои озодӣ, истиқлол, шараф ва ҳифзи сарзамини худ мубориза мебаранд. Ба таври мисол, дар драмаи «Темурмалик» симои қаҳрамоне офарида шудааст, ки барои ҳифзи Ватан бар зидди истилогарон то нафаси охирин мубориза мебарад. Темурмалик дар тасвири нависанда намунаи ҷавонмардӣ, ватандӯстӣ ва садоқат ба миллат мебошад. Ин асар дар хонанда ҳисси ифтихор аз таърихи миллат ва эҳтиром ба муҳофизони Ватанро бедор месозад.

Ҳамин гоя дар романи «Восеъ» низ идома меёбад. Қаҳрамони асар-Восеъ барои адолат, озодӣ ва ҳуқуқи мардум мубориза мебарад. Гарчанде муборизаи ӯ бо фочиа анҷом меёбад, вале рӯҳи озодихоҳӣ ва адолатталабии ӯ барои наслҳои оянда намунаи ибрат мемонад. Муаллиф таъкид менамояд, ки муҳаббат ба Ватан танҳо дар сухан нест, балки дар ҳимояи манфиатҳои мардум ва омодагӣ ба қурбонӣ барои озодии сарзамин таҷассум меёбад.

Дар эҷодиёти Сотим Улуғзода ифтихори миллӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Ӯ тавассути тасвири зиндагӣ ва фаъолияти шахсиятҳои бузурги таърихӣ хонандаро ба ифтихор аз гузаштаи пурғановати миллат раҳнамун месозад. Драмаҳои «Рӯдакӣ», «Шифокори бузург», филмномаҳои «Қисмати шоир», «Ҷавонии Ибни Сино» ва махсусан, романи «Фирдавсӣ» маҳз ҳамин ҳадафро пайгирӣ мекунанд.

Романи «Фирдавсӣ» яке аз баландтарин дастовардҳои адиб мебошад. Дар он зиндагии Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, заҳматҳои ӯ барои офаридани «Шоҳнома» ва муборизааш баҳри ҳифзи фарҳангу таърихи халққои эронитабор бо маҳорати баланд инъикос ёфтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки Фирдавсӣ бо офаридани «Шоҳнома» танҳо як асари адабӣ нанавиштааст, балки таърихи миллат, рӯҳи миллӣ ва ормонҳои мардумро ҷовидона гардонидааст. Бесабаб нест, ки романи мазкур дар Эрон низ гарму самимӣ истиқбол шуда, соли 1996 ба дарёфти Ҷоизаи байналмилалии «Китоби сол» мушарраф гардид.

Хидмати дигари бузурги устод Сотим Улуғзода дар роҳи ҳифзи мероси миллӣ офаридани китоби дучилдаи мансури «Достонҳои «Шоҳнома» мебошад. Ӯ бо заҳмати зиёд беш аз шаст ҳазор байти «Шоҳнома»-ро ба насри тоҷикӣ баргардонд ва онро ба доираи васеи хонандагон дастрас намуд. Ин асар дар эҳёи анъанаҳои миллӣ, омӯзиши таърихи ниёгон ва тарбияи рӯҳи ватандӯстӣ хидмати арзанда кардааст.

Дар осори Улуғзода асолати таърихӣ бо воқеъбинигорӣ ва таҳқиқи амиқи сарчашмаҳо таҷассум ёфтааст. Ӯ пеш аз навиштани ҳар асар маводи зиёди таърихиро меомӯхт ва баъдан онҳоро бо тахайюли бадеӣ ба ҳам меомехт. Аз ҳамин сабаб, қаҳрамонони таърихии ӯ хеле зиндаву воқеӣ ба назар мерасанд. Рӯдакӣ, Ибни Сино, Темурмалик, Аҳмади Дониш, Восеъ ва Фирдавсӣ дар осори ӯ на танҳо шахсиятҳои таърихӣ, балки рамзи нангу номус, дониш, фарҳанг ва истиқлоли миллӣ мебошанд.

Қиссаи «Ривояти суғдӣ» низ аз беҳтарин намунаҳои инъикоси асолати таърихӣ мебошад. Дар он муборизаи мардуми Суғд бар зидди ачнабиён бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ тасвир шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки халқи тоҷик аз қадимулайём барои ҳифзи сарзамин ва фарҳанги худ мубориза бурдааст. Ин асар хонандаро ба эҳтироми гузашта ва масъулият дар назди оянда ҳидоят мекунад.

Ғояҳои ватандӯстӣ ва худшиносӣ дар дигар асарҳои насрии адиб, аз ҷумла, «Субҳи ҷавонии мо», «Навобод» ва «Ёрони боҳиммат» низ ҷойгоҳи муҳим доранд. Гарчанде ин асарҳо бештар ҳаёти замони худро инъикос мекунанд, вале дар маркази онҳо ҳамеша инсони ватандӯст, меҳнатқарин ва масъули ҷомеа қарор дорад.

Фаъолияти илмӣ ва тарҷумонии Сотим Улуғзода низ ба тарғиби ормонҳои миллӣ мусоидат кардааст. Ӯ дар бораи Аҳмади Дониш, Абуалӣ ибни Сино, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва дигар бузургони миллат рисолаҳо ва мақолаҳои арзишманд навишт. Ин таҳқиқот барои омӯзиши мероси адабӣ ва таърихии тоҷикон аҳаммияти калон доранд.

Ҳамзамон, устод Улуғзода яке аз беҳтарин тарҷумонҳои тоҷик ба шумор меравад. Ӯ асарҳои Шекспир, Сервантес, Молйер, Максим Горкий ва дигар классикони ҷаҳонро ба тоҷикӣ тарҷума намуда, фарҳанги ҷаҳониро ба хонандаи тоҷик наздик кард.

Хидматҳои бузурги Сотим Улуғзода аз ҷониби давлат сазовори қадршиносӣ гардидаанд. Ӯ соҳиби унвони Нависандаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон ва Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Имрӯз номи ӯро Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон, як қатор муассисаҳои таълимӣ ва кӯчаҳо бо ифтихор доранд, ки ин нишонаи эҳтироми мардум ба фарзанди фарзонаи миллат аст.

Хулоса, Сотим Улуғзода яке аз бузургтарин таблиғгарони ормонҳои миллӣ дар адабиёти тоҷик мебошад. Ӯ тавассути осори пурмазмуну таърихии худ ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва эҳтиром ба гузаштагони бузургро дар қалби хонандагон бедор кардааст. Қаҳрамонони офаридаи ӯ рамзи шуҷоат, озодихоҳӣ, дониш ва садоқат ба миллат мебошанд. Осори Улуғзода имрӯз низ аҳаммияти тарбиявии худро нигоҳ дошта, барои таҳкими худшиносии миллӣ, эҳтироми таърих ва дӯст доштани Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзишманд мегузорад. Аз ин рӯ, мероси адабии Сотим Улуғзода ҳамчун ганҷинаи гаронбаҳои фарҳанги тоҷик барои наслҳои имрӯз ва фардо аҳаммияти ҷовидонӣ дорад.

Сайфиддин СУННАТӢ,
Аълочии матбуот ва
фарҳанги Тоҷикистон

20-21 августи соли равон дар шаҳри Душанбе нахустин Форум ва намоишгоҳи байналмилалии саноати хӯрокворӣ – Тоҷикистон-2026 баргузор мешавад.

КИТОБИЁТ

Хорҳоро барканем!



Адабиёти бадеӣ омили муҳимми таъсиррасон ба афкору андеша ва рушди тафаккури инсон ба шумор меравад. Дар тӯли таърих адибони зиёде дар ин майдон қаламфарсоӣ намуда, асарҳои ҷолибу муассир офаридаанд, ки дар ин миён асарҳои ҳаҷвӣ низ мавқеи бузург доранд. Дар чунин осор тавассути танзу лутф ва мутоиба ба хонанда ҳам завқи бадеӣ бахшида мешавад ва ҳам барои дарки амиқтари воқеият имкони андеша фароҳам меояд.

Яке аз чунин адибони муосири тоҷик, ҳаҷвнигори соҳибистеъдод Абдурауф Муродӣ мебошад, ки навиштаҳояш пайваста дар саҳифаҳои матбуот ва дар шакли китобҳои алоҳида чоп ва дастраси хонандагон мегарданд. Мавсуф дар ин самт аз адибони муваффақи муосири мо ба ҳисоб рафта, бо сабку услуби хоси худ ҷойгоҳи махсусро соҳиб гаштааст. Ба ин мазмун, китоби нави адиб, ки «Аз гулистон хорҳоро барканем» (Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2026. – 192 сах.) унвонгузорӣ шудааст ва барчидаи навиштаҳои муаллифро, ки дар солҳои гуногун эҷод шудаанд, фаро мегирад, аз рӯйи мавзуъ ва муҳтаво гуногун буда, масъалаҳои мубрами замонро бозтоб менамояд. Муаллиф ба мушкилоти ҷомеа, хислатҳои ношоиста, аз ҷумла, бадахлоқӣ, бадгӯӣ, муносибатҳои носолими иҷтимоӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб таваҷҷуҳ намуда, онҳоро ба риштаи танзу интиқод кашидааст.

Нависанда дар навишта ҳояш ҳаҷвро, аз як тараф, ҳамчун воситаи хандидану завқ бахшидан, аз ҷониби дигар, василаи нишон додани камбудиҳо ва роҳнамоӣ ба роҳи дуруст корбурд мекунад. Хонанда аз оғози ҳар навишта дарк мекунад, ки муаллиф бо такя ба таҷрибаи зиндагӣ, мушоҳида ва омӯзиши фарогир ба масоили муҳимми ҷомеа таваҷҷуҳи хос дорад. Аз ин ҷост, ки ҳар як навиштаи адиб муассиру ҷолиб буда, хонандаро ба андеша кардан водор менамояд. Тарзи баён ва услуби нависанда низ ихчаму ҳадафманд аст.

Китоб аз бахшҳои ҳикояву нақиза, резаҳикоёту қиссаи ҳаҷвӣ ва нуктаҳо таркиб ёфтааст. Муаллиф дар ҳамаи ин жанрҳо маҳорату ҳунари баланд нишон дода, масъалаҳои мубрами замонро бо нигоҳи амиқ ва таъсирбахш бозтоб намудааст. Ин масъалаҳо, аз як сӯ, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро дар бар мегиранд ва аз сӯи дигар, ба мушкилоту муносибатҳои зиндагии инсонҳо дахл доранд, ки адиб тавассути ҳаҷву танз ва тасвири воқеаҳои рӯзмарра хонандаро ба ислоҳи камбудиҳои худу ҷомеа водор месозад.

Як бахши асосии китобро нуктаҳои ҳаҷвии адиб ташкил медиҳанд. Шоистаи таъкид аст, ки ӯ дар ин самт низ аз адибони муваффақ ба ҳисоб меравад. Мавсуф дар як ҷумла метавонад як ҷаҳон маъниро ифода намояд. Ҳамин сабки хоси баён ӯро аз дигар ҳаҷвнигорон фарқ мекунонад ва ба навиштаҳояш ҳусни тоза мебахшад. Бинобар ин, китоби мазкур аз чанд ҷиҳат муҳим, ҷолиб ва омӯзанда мебошад:

Якум, дар китоб анвои гуногуни осори ҳаҷвӣ фароҳам оварда шудаанд, ки барои баланд бардоштани завқи бадеӣ ва рушди ҷаҳонбинии хонанда мусоидат мекунанд.

Дуюм, адиб ҳар сухан ва ҳар каломро ба мавқеъ ва ҳадафманд истифода мебарад. Кӯтоҳбаёнӣ ва дақиқнигорӣ яке аз омилҳои муваффақияти навиштаҳояш ба ҳисоб меравад.


Сеюм, дар китоб мавзуъҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ҳаёти воқеӣ инъикос ёфтаанд. Хонанда дар баробари хандидан, ба мушкилоти замон бо нигоҳи дигар менигарад ва моҳияти онҳоро амиқан дармеёбад.

Чорум, муаллиф хислатҳои бади инсониро зери тозиёнаи танқид кашида, дар баробари ин, хислатҳои ҳамидаи инсониро тавсифу тарғиб менамояд.

Панҷум, навиштаҳои адиб аз ибораҳои равону таъсирбахш, зарбулмасалу мақол, истиораҳо, ташбеҳҳо ва таркибҳои забонии ҷолиб ғанӣ мебошанд. Ин хусусиятҳо ба навиштаҳо обурангу ҷаззобияти бештар бахшидаанд.

Дарвоқеъ, китоби адиби номвар Абдурауф Муродӣ «Аз гулистон хорҳоро барканем» барои кулли алоқамандони каломи бадеъ туҳфаи арзишманд мебошад. Хонанда аз мутолиаи он, аз як тараф, лаззати маънавӣ мебараду механдад, аз ҷониби дигар, ба мушкилоти ҷомеа бо нигоҳи танқид менигарад ва мекӯшад, ки дар пок кардани гулистон аз хорҳо ҳиссагузор бошад.

Ҳар гоҳ ки китоби наве ба чоп мерасад, саҳифаи тозае ба ганҷинаи маънавии миллат меафзояд. Бисёр хушоянд аст, ки дар адабиёти муосири тоҷик адибони зиёде дар жанри ҳаҷв қаламфарсоӣ мекунанд. Дар ин замина, китоби нависандаи шинохта Шодӣ Рачабзод «Балои охирзамон» (Душанбе: «Мехроҷ-Граф», 2026. – 144 с.) ба нашр расид, ки маҷмуаи ҳикояҳои ҳаҷвии адибро дар бар мегирад. Дар ҳикояҳои ин маҷмуа воқеияти зиндагӣ бо дидаву шунидаҳо, таҷриба ва бардоштҳои шахсии адиб пайванди устувор дорад. Навиштаҳои ӯ ифодагари мавқеи мулоҳизаву қазовати муаллиф нисбат ба воқеаҳо ва падидаҳои зиндагӣ мебошанд. Аз муҳтавои ҳикояҳои ҳаҷвии китоб садои эътирози муаллиф нисбат ба ҳама гуна амалҳои ношоиста ва рухдодҳои номатлуб, инчунин, нисбат ба ашхоси каҷраву каҷниҳод равшан ба гӯш мерасад.



Оинаи воқеияти зиндагӣ

Бояд гуфт, ки «Балои охирзамон» нахустин китоби ҳаҷвии адиб мебошад. Шодӣ Раҷабзод дар ин самт устуворона қадам гузошта, мавзуъҳоеро мавриди баррасӣ ва зери тозиёнаи танзу танқид қарор додааст, ки аз воқеияти зиндагӣ ва рӯзгори мардум баргирифта шудаанд. Барои бозтобу нишон додани амалҳои ношоистаи инсонҳо ҳаҷв воситаи муассир ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат, бешубҳа, маҳорат, малака ва истеъдоди адиб нақши боризу ҳалкунанда мебозанд.

Аз мутолиаи ҳикояҳои ҳаҷвии китоб маълум мегардад, ки муаллиф ба мушкилоти ҷомеа, махсусан, масъалаҳои таълиму тарбия бетараф нест. Қисме аз навиштаҳои ӯ аз ҳаёти омӯзгорон ва мактабу маориф ҳикоят мекунанд. Нависанда масъалаҳои вобаста ба фаъолияти муҳоҷирон, муносибатҳои байни табақаҳои гуногун ва таъсири амалҳои манфии баъзе ашхосро ба ҷомеа ба таври ҷолиб бозтоб менамояд. Ҳар воқеа, мушоҳида ва нақлҳои шунидаашро моҳирона ба риштаи тасвир кашида, дар баробари ин, амалҳои ношоиста ва хислатҳои номатлуби инсонҳоро мавриди танқид қарор медиҳад.

Воқеан, нависанда амалҳои носазо ва падидаҳои номатлуби ҳаёти ҳамарӯзаро мавриди танқид қарор дода, нисбат ба воқеаҳои рӯзмарраи ҳаёти инсонҳо ва амалҳое, ки ба манфиати ҷомеа нестанд, бетараф намемонад ва нигаронию ташвиши худро баён мекунад. Тасвири амали қаҳрамонҳо ва офаридани симоҳои гуногун дар ҳикояҳо ба муаллиф имкон медиҳад, ки характеру хислатҳои мухталифи инсонҳоро ба таври боварибахш дар пироҳани танзу зарофат нишон диҳад. Муҳиммияти китобро метавон ба таври зайл тасниф кард:

Якум, мавзуъҳои ҳикояҳо гуногун буда, ҳар кадоми онҳо яке аз мушкилоти ҷомеа ва паҳлуҳои гуногуни рафтору кирдори одамонро барои хонанда бозтоб менамоянд.

Дуюм, қисми зиёди ҳикояҳои ҳаҷвӣ дар баробари фароҳам овардани лаҳзаҳои хандаовар, хонандаро ба андеша кардан водор менамоянд. Ханда дар ин ҷо ҳадафи ниҳоӣ нест, балки воситаест барои ошкор намудани камбудиҳо ва ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ба масъалаҳои муҳимми зиндагӣ.

Сеюм, дар ҳикояҳо зарбулмасалу мақол, ташбеҳ ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ фаровон истифода шудаанд. Ин хусусиятҳо ба матнҳо ҷолибият ва таъсирнокӣ бахшида, ҷанбаи бадеии онҳоро бештар менамоянд.

Маҷмуаи ҳикояҳои Шодӣ Раҷабзод «Балои охирзамон» аз вусъати фаъолияти эҷодии адиб шаҳодат дода, собит менамояд, ки ӯ дар роҳи эҷоди осори ҳаҷвӣ қадамҳои устувор мегузорад. Мутолиаи китоб барои ҳамаи дӯстдорони каломи бадеӣ судманд буда, метавонад дар баланд бардоштани завқи маънавӣ ва рушди тафаккури хонанда нақши муҳим гузорад.

Насриддин ОХУНЗОДА, «Омӯзгор»

ЧАШМАНДОЗ

МАОРИФИ ҶАҲОН



ЛИБИЯ

Вазорати маорифи Либия дар моҳи июли соли 2026 марҳалаи аввали лоиҳаи «Сифат ва идоракунӣ дар муассисаҳои таълимӣ»-ро оғоз кард, ки 100 мактабро дар минтақаи Триполи фаро мегирад. Ҳамзамон, вазорат дар охири моҳи июл омӯзиши истифодаи GeoGebra-ро барои таълими математика оғоз намуд, ки ба рушди малакаҳои омӯзгорон равона шудааст.

Тибқи тақвими расмӣ, соли нави таҳсили 2026-2027 дар Либия 13 сентябри соли 2026 оғоз мешавад.

МАЛИ

Таҳсилоти томактабӣ барои омодагии кӯдакон ба мактаб аҳаммияти муҳим дорад. Тибқи маълумоти ЮНИСЕФ, дар Мали сатҳи фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ хеле паст мебошад. Дар ин кишвар, ҳамчунин, барои кӯдакони хурдсол марказҳои рушди барвақтии кӯдакон фаъолият мекунад. Дар ин марказҳо тавассути бозӣ ва машғулиятҳои таълимӣ фикрронӣ ва қобилиятҳои кӯдакон инкишоф меёбад.

КОТ-Д-ИВУАР

Дар Кот-д Ивуар соли таҳсили 2025-2026 дар муассисаҳои таҳсилоти миёна аз 8 сентябр оғоз гардида, 8 майи соли 2026 ба анҷом расид. Пас аз анҷоми дарсҳо хонандагон ба таътили тобистона баромаданд. Вазорати маорифи кишвар барои омӯзгорон ва хонандагон истифодаи як навъ платформаи омӯзишии ройгонро ба роҳ монд, ки дар он 7000 маводи таълимӣ аз фанҳои гуногун ҷой дода шудаанд.

АНДОРРА

Ҳукумати Андорра 12 августи соли 2026 барои соли таҳсили 2026-2027 қабули дархостҳоро барои кумакпулиҳои таҳсилоти олӣ оғоз намуд. Ин барнома таҳсили донишҷӯёнро дар худи мамлакат, хориҷи кишвар ва шакли таҳсилоти фосилавӣ дастгирӣ мекунад. Дар доираи барномаи нав маблағҳои марбут ба таҳсил, маводи таълимӣ, роҳкиро, иқомат ва хароҷоти зиндагӣ пешбинӣ шудаанд. Ҳамчунин, стипендияи иқомат барои донишҷӯёни берун аз кишвар зиёд карда шуд.

ҶАЗИРАҲОИ МАРШАЛЛ

Соҳаи маорифи Ҷазираҳои Маршалл дар моҳи августи соли 2026 ба масъалаи бехатарӣ ва устуворӣ муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. 13 августи соли 2026 эълон гардид, ки барои бунёди мактабҳои бехатар, мустаҳкам ва тобовар ба тағйирёбии иқлим чораҳо андешида мешавад. Ин самт барои аҳолии кишвар аҳаммияти махсус дорад, зеро бисёре аз ҷазираҳои он ба таъсири тағйирёбии иқлим ва хатарҳои табиӣ осебпазиранд.

Низоми давлатии мактабҳо дар Ҷазираҳои Маршал, дар маҷмуъ, 80 мактаби ибтидоӣ ва 6 мактаби миёнаро идора мекунад. Дар моҳи июли соли 2026 барои омӯзгорон барномаи омӯзиши таълими бисёрсинфӣ баргузор шуд, ки ба беҳтар намудани усулҳои кор дар синфҳои дорои хонандагони зинаҳои гуногун равона гардид. Ҳамзамон, дар мактабҳо ба рушди маводи таълимӣ бо дарназардошти фарҳанг ва муҳити маҳаллӣ низ таваҷҷуҳ карда мешавад.

Таҳияи
Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

Мунтахаби Тоҷикистон дар Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштини миллӣ 12 медал ба даст оварда.

Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:

1. Кафедраи иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ:
- доктори илм, профессор - 1 ҷой;
- номзади илм, дотсент - 2 ҷой;
- ассистент - 3 ҷой;
- коргузор (ҳуҷҷатгузор)-и кафедра - 1 ҷой.

2. Кафедраи молия ва қарз:
- доктори илм, профессор - 1 ҷой;
- номзади илм, дотсент - 1 ҷой;
- ассистент - 3 ҷой.

3. Кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъӣ:
- доктори илм, профессор - 1 ҷой;
- номзади илм, дотсент - 1 ҷой;
- ассистент - 3 ҷой;
- коргузор (ҳуҷҷатгузор)-и кафедра - 1 ҷой.

4. Кафедраи фаъолияти гумрукӣ:
- мудири кафедра - 1 ҷой;
- доктори илм, профессор - 1 ҷой;
- номзади илм, дотсент - 1 ҷой;
- ассистент - 1 ҷой;
- коргузор (ҳуҷҷатгузор)-и кафедра - 1 ҷой.

5. Кафедраи забонҳо:
- доктори илм, профессор - 1 ҷой;
- номзади илм, дотсент - 1 ҷой;
- ассистент - 2 ҷой;
- коргузор (ҳуҷҷатгузор)-и кафедра - 1 ҷой.

6. Кафедраи табиӣ-риёзӣ:
- мудири кафедра - 1 ҷой;
- доктори илм, профессор - 1 ҷой;
- номзади илм, дотсент - 2 ҷой;
- ассистент - 4 ҷой;
- коргузор (ҳуҷҷатгузор)-и кафедра - 1 ҷой.

7. Кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ:
- мудири кафедра - 1 ҷой;
- доктори илм, профессор - 1 ҷой;
- номзади илм, дотсент - 2 ҷой;
- ассистент - 4 ҷой;
- коргузор (ҳуҷҷатгузор)-и кафедра - 1 ҷой.

Талаботи таҳассусӣ барои ишғоли вазифаи мудири кафедра:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисосҳои марбут ба соҳаҳои самти кафедра, ки иҷрои самараноки вазифаҳои эълоншударо таъмин карда метавонанд;
- дошатни дараҷа ва унвони илмӣ;
- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- на кам аз 5 сол доштани собиқаи корӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва омӯзгорӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо;
- донистани таърих, фарҳанг, муқадасоти миллӣ, забони давлатӣ;
- донистани забонҳои хориҷӣ (бартарият дорад).

Талаботи таҳассусӣ барои ишғоли вазифаи доктор ва ё номзади илм, профессор, дотсент:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисосҳои марбут ба соҳаҳои самти кафедраҳо, ки иҷрои самараноки вазифаҳои эълоншударо таъмин карда метавонад;
- дошатни дараҷа ва унвони илмӣ;
- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- на кам аз 5 сол доштани собиқаи корӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва омӯзгорӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқадасоти миллӣ, забони давлатӣ;
- донистани забонҳои хориҷӣ (бартарият дорад).

Талаботи таҳассусӣ барои ишғоли вазифаи ассистент ва коргузори кафедра:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисосҳои марбут ба соҳаҳои самти кафедраҳо, ки иҷрои самараноки вазифаҳои эълоншударо таъмин карда метавонад;
- на кам аз 2 сол доштани собиқаи омӯзгорӣ;
- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ;
- донистани забонҳои русӣ ва англисӣ (донистани забонҳои хориҷии дигар афзалият дорад).

Рӯйхати ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иштирок дар озмун:
- ариза ба унвони ректори донишкада;
- нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таҳсилот;
- варақаи шахсӣ;
- тарҷумаи ҳол (CV);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таҷрибаи корӣ;
- рӯйхати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- сурати андозаи 3х4 - 2 дона;
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ.

Тартиби супоридани ҳуҷҷатҳо:

Ҳуҷҷатҳоро метавонед ба унвони Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод намоед.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Левакант, кӯчаи Рӯдакӣ-21.

Телефон барои маълумоти иловагӣ: (+992) 935813704, 880021010, 038141414. Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо: то 21.08.2026.

Барои дорандагони таҷриба ва малакаи баланди омӯзгорӣ, донандагони хуби забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ), доштани маҳорати баланди кор бо лоиҳаҳо, истифодаи сатҳи баланди барномаҳои компютерӣ, дорандаи натиҷаҳои назарраси фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, илова ба музди маоши корӣ тибқи «Тартиби пардохти музди меҳнат ва ҳиссаи тафриқавӣ барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ ва воҳидҳои сохтории он» маблағҳои иловагӣ дода мешавад. Маоши вазифавӣ вобаста ба дараҷа ва унвони илмӣ тибқи «Тартиби пардохти музди меҳнат ва ҳиссаи тафриқавӣ барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ ва воҳидҳои сохтории он» аз 4000 то 10000 сомонӣ муқаррар карда мешавад.

ДОНИШКАДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ВА ЗЕҲНИ СУНЪИИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон мекунад:

Декани факултет:
- 1 ҷой, номзади илм.

Сардори шуъбаи тарбия:
- 1 ҷой.

Сармутахассиси шуъбаи тарбия:
- 1 ҷой.

Муовини сардори шуъбаи таълим:
- 1 ҷой.

Сармутахассиси шуъбаи илм ва иноватсия:
- 1 ҷой.

Мутахассис оид ба назорати иҷрои шуъбаи умумӣ:
- 1 ҷой.

Муовини сардори шуъбаи банақшагирӣ ва ҳисоботи молиявӣ:
- 1 ҷой.

Кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнӣ:
- дотсент - 1 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой, номзади илм.

Кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ:
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 1 ҷой.

Кафедраи фанҳои табиӣ-риёзӣ:
- дотсент - 2 ҷой, номзади илм;
- омӯзгори калон - 1 ҷой, номзади илм;
- ассистент - 1 ҷой.

Кафедраи фанҳои гуманитарӣ:
- омӯзгори калон - 2 ҷой, номзади илм.

Ҳуҷҷатҳо то як моҳ пас аз нашр гардидани эълон қабул карда мешаванд.

Телефон барои тамос: (+992) 93 836 61 79, (+992) 005 11 22 79.

18 АВГУСТ – РӮЗИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ ТИБ

Бузургон дар бораи тандурустӣ

Сарвати нахустини инсон тандурустӣ аст.

Абуалӣ ибни Сино

Бесабрӣ одамро аз ҳеҷ ранҷе намераҳонад, балки дарди наверо барои аз по даровардани ӯ ба вуҷуд меоварад.

Афлотун

Тандурустӣ тоҷе бар сари тандурустон аст, ки касе ғайр аз беморон онро намебинад.

Зарбулмасали тоҷикӣ

Ягона роҳ барои сиҳатмандӣ хӯрдани он чиз аст, ки иштиҳо надорӣ, нӯшидани он чи аст, ки дӯст надорӣ ва анҷоми он чи аст, ки карданашро намехоҳӣ.

Марк ТВЕН

Тандурустӣ беҳтарин либосест, ки ба тан мекунем.

Буқрот

Мардуми бенаво ва тирабахт дармоне ҷуз умед надоранд.

***

Набояд он қадар ба андеша фурӯ равем, ки қудрати ҳама чиз аз мо гирифта шавад, зеро агар ҳадаф саломатии андешаҳои мо бошад, бояд бикӯшем, ки бештар андешаҳои нодуруст ва ғалат дар амал ҷуброн ва ислоҳ шаванд.

Антон ЧЕХОВ

Барои шифои тан бояд руҳро шифо дод.

Флорнс Сковел ШИН

Доруро дар тандурустӣ хӯред

Анӯшервони ОДИЛ

Сиҳатӣ бузургтарин неъмат аст ва қаноат бузургтарин сарват.

Зарбулмасали фаронсавӣ

Ҳамон гуна, ки расидани бӯйи чаманзор бар машоми ҷон барои тан сабаби тандурустӣ аст, андешидан дар бораи марг барои руҳ нерубахш аст.

МЮЛЛЕР

Ҷамъи мол, таҳсили комёбӣ, касби дониш ва шуҳрат ҳеҷ кадом ба тандурустӣ баробар нест. Барои ҳифзи тандурустӣ бояд аз чизе, ки барои он зараровар аст, парҳез кард.

ШОПЕНГАУЭР

Таҳияи Ҳотам ҲОМИДЗОДА, «Омӯзгор»

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №105008 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2002 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансур ба Назаров Насим Каримдодович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0775613, ки онро соли 2020 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансур ба Мирзоев Аҳмадулло Мутиалоҳович додааст, эътибор надорад.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОҲИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. Индекси обуна: 68850. Адади нашр: 44645 нусха

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора Ҷ. Қиёмиддин